# Фирӯза

№ 1–2
2 0 2 6
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932



Насиба Сафарова



Бо дарназардошти фалсафаю ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннату анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд карда шавад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

# АСОЛАТИ ЗАН – МОДАР

**Мо ба нақши Зан - Модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсониро ба вуҷуд меорад ва ба камол мерасонад.**

Эмомалӣ Раҳмон



Зан - Модар таҷассумгари симои маънавию ахлоқӣ ва зоҳирию ботинии ҳар як миллату давлат, ҷомеаи мутамаддин буда, сатҳи хираду маърифат, дониш, камолоту пешрафт, гузашта имрӯз ва ояндаро инъикос мекунад. Дар фарҳангу тамаддуни мо тоҷикон иззату эҳтироми Зан - Модар ҳамчун нахустмураббӣ ҳамеша ҷойгоҳи хос дорад, вале мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа, махсусан дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат ба неру ва масъулияти мо – бонувон ҳамеша такя мекунад. Президенти кишвар, аз ҷумла, дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин нукта таъкид намуданд, ки: ”Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии бонувону духтарони тоҷик ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳоро идома медиҳем”.

Мо занону духтарони тоҷик низ ҷавобан ба ин дастгириҳо кӯшиш менамоем, ки дар амалисозии талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла, сарулибос ва ойинҳои барои мардуми мо бегона, ҷиҳати ба камол расидани наслҳои солим, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии ватан саҳми арзандаи хешро гузорем. Рисолати аслӣ ва азалии мо модарон, пеш аз ҳама, тарбияи дурусти фарзанд дар руҳияи инсонгароӣ, худшиносӣ ва ифтихори баланди ватандорист.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва замони пуртазоду нооором мо модаронро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошему фарзандони хешро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ дорем, то онҳо худшиносу ватандӯст гардида, ҳамеша барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ омода бошанд. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки эътибор надодан ба таълиму тарбияи насли наврас сабаби асосии бадбахтиҳо мегардад.

Бино бар ин, пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва савияи баланди таълиму тарбия, илму дониши аҳли ҷомеа таъмин менамояд.

Бо вуҷуди рушди соҳаи маориф ва таҳкими донишандӯзию саводнокии хонандагон, дар самти таълиму тарбия ҳанӯз камбудиҳо ҳастанд. Коста шудани сатҳи тарбия ва сатҳи донишандӯзии хонандагон натиҷаи бетафовутии падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва беаҳамиятии баъзе омӯзгорон низ ҳаст.

Барои ҳалли мушкилиҳои мавҷуда бояд мактаб ва оила ҳамкориҳои муштаракро дар самти таълиму тарбия, ҳифзи маънавиёти наврасон аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, бавижа, паҳншавии беҳудуди синамои хориҷӣ, дастрасии оммавӣ ба воситаҳои компютерӣ, телефону интернет ва дигар воситаҳое, ки ба ахлоқи онҳо таъсири манфӣ мерасонад, густариш диҳанд.

Насли наврас ояндасозони миллату давлати мо мебошанд, бино бар ин, мо бояд ба донишандӯзию забономӯзӣ, ахлоқу маърифат, одоби муошират ва ҷаҳонбинии онҳо аҳаммияти махсус дода, фарзандони хешро дар руҳияи худшиносию эҳтиром доштан ба арзишҳои миллӣ тарбия намоем, зеро тарбияи дуруст ва савияи баланди донишу камолоти онҳо оянда чун неруи пешбарандаи ҳаёт ва сарчашмаи рушду нумуи кишвар миллату давлатро ба пешрафту дастовардҳои арзанда мерасонад.

**“Фирӯза”**

# ПАЁМ - БАРНОМАИ МУҲИМИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТ ВА НОИЛ ШУДАН БА ҲАДАФҲО

**Имрӯзҳо дар тамоми кишвар ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯриҳо баргузор гардида истода, дар рафти он сиёсати давлату ҳукумат, ки дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ғайра аз Паём бармеоянд, мавриди таваҷҷуҳ ва шарҳу тафсир қарор гирифта истодаанд.**





Вобаста ба ин, санаи 13 феврал бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев бо иштироки кормандони соҳаи фарҳангу санъат вобаста ба шарзҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиш сурат гирифт.

Тавре дар суханронии худ муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Сафар қайд намуд, паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ намуда, дар заминаи он вазъи воқеии ҷаҳони муосир ва масоили мубраму муҳим ба таваҷҷуҳи ҷомеа расонида мешаванд.

Зимнан, аз Паём то Паём як зинаи фаъолияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷамъбаст гардида, марҳилаи нави татбиқи нақшаву лоиҳаҳо оғоз меёбад ва бешак, Паёми Роҳбари давлат як барномаи муҳими танзими фаъолият ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайян мебошанд.

Таъкид гардид, ки имрӯз дар кишвари мо шароите ба миён омадааст, ки ҳар як шаҳрванди ин сарзамин метавонад дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ мавқеи хешро бо хости худ муайян намояд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми қонунҳои амалкунандаи мамлакат бахри зиндагии арзанда ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон шароити муносибу мусоидро ба миён овардаанд.

Дар ин замина, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла аҳли фарҳангу ҳунар дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ



Раҳмон пеш аз ҳама таҳкими меъёрҳои муҳими сатҳи пешрафти ҷомеаи муосир – механизмҳои таъмини раванди ҳифз ва ғановатбахши мероси фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, татбиқи имкониятҳои мусоид барои худбаёнииии маънавӣ-эҷодии шахс, инчунин ҷалби ҷавонон ба донишандӯзӣ, тақвияти ҳифзи озодиҳои инсон ва пешгирӣ аз ҳама гуна равияҳои хурофотӣ ва бегонаву ифротӣ, тавсеаи худогоҳиву худшиносӣ, тарғиби мафкураи миллӣ ва ғояҳои ватандӯстиву бартарияти арзишҳои миллӣ ва давлати дунявӣ, ташаккули ғояҳои солими сиёсии шаҳрвандон мебошад.

Дар суханронии худ сиёсатшинос ва муҳаққиқ Абдулло Раҳнамо низ нуктаҳои асосии Паёмро шарҳу тавзеҳ дода, қайд намуд, ки ватандӯстии ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки тавъам бо худшиносӣ ва ифтихори миллист, аз дидгоҳи сиёсӣ пеш аз ҳама аз ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар, дарки манфиатҳои миллӣ, инчунин шинохти мавқеъи таърихии худ, мавқеъи имрӯза ва ояндаи миллат иборат аст.

**Хуршед Низомӣ**

# ФАРҲАНГИ ТОҶИК ДАР ҚАТАР

**9-уми феврали соли равон дар давлати Қатар Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд ва он то 13 феврал идома кард. Маросими ифтитоҳи чорабинӣ дар Вазорати фарҳанги Давлати Қатар бо иштироки вазирони фарҳанги ду кишвар - Амонзода Матлубахон Сатториён ва Шайх Абдурраҳмон ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо шукуҳи хоса оғоз гардид.**





Қабл аз оғози барномаи консертӣ дар толори барҳавои бинои Вазорати фарҳанги Давлати Қатар намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ, маҳсулоти гуногуни нонӣ, меваҷот, оши палав, номгӯи обҳои истеҳсоли Ватанӣ, намоиши мусаввараву аксҳо, ки таъриху фарҳанг, урфу одат, дастовардҳои замони Истиқлолро бозгӯӣ менамоянд, ба сокинон ва меҳмонони Давҳа пойтахти Давлати Қатар намоиш дода буд.

Дар толори консертии Вазорати мазкур маросими ифтитоҳи рӯзҳои фарҳанг сурат гирифт, ки дар ибтидо вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён Матлубахон Амонзода суханронӣ намуда, доир ба муносибатҳои дӯстона ва гуногунҷанбаи Тоҷикистону Қатар ибрози ақида намуда, саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди робитаҳои ду кишвари дӯст муҳим арзёбӣ намуд.

Барномаи рангини фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандони шинохтаи Тоҷикистон ансамбли созҳои миллӣ, ансамблҳои давлатии “Лола” ва “Парасту” меҳмонони олимақом ва намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Давҳаро бо намудҳои гуногуни рақсу сурудҳои марғубу дилнишин ба ваҷд оварданд.

Дар ҳошияи баргузории Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар, мулоқоти Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён Матлубахон Амонзода бо Вазири фарҳанги Давлати Қатар Шайх Абдурраҳмон ибни Ҳамад Оли Сонӣ сурат гирифт.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо бо мақсади рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Қатар дар соҳаи фарҳангу санъат ҳавасмандии хешро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни муассисаҳои таълимӣ, инчунин омода намудани мутахассисони касбӣ ва мубодилаи таҷриба изҳори назар намуданд.

Баргузории рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар ташаббуси созанда дар таҳкими муносибати ду кишвари дӯст буда, дар густариши ҳамкории кишварҳо мусоидат хоҳад кард.







# СИПАРИ ДАВЛАТ ВА ОИНАИ ҶОМЕА

**Рӯзи матбуоти тоҷик барои ҳар як рӯзноманигор, аҳли қалам ва корманди соҳаи иттилоот на танҳо ҷашн, балки фурсати андеша, бознигарӣ ва худшиносӣ мебошад. Имсол Рӯзи матбуоти тоҷик дар фазои хоса ва марҳалаи муҳимми таърихӣ, - дар арафаи таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ҷашн гирифта мешавад.**



**Иброҳим Аҳмад**
*Сардори Раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Сию панҷ сол қабл халқи тоҷик бо эъломи Истиқлол ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона башорат дод. Дар ин раванд, матбуот ва умуман, воситаҳои ахбори омма нақши калидӣ бозида, ҳамчун омили муҳимми ташаккули афкори ҷомеа ва таҳкими арзишҳои миллӣ хизмат карданд.

Дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд матбуот яке аз абзорҳои асосии таъсиррасон ба афкори умум мебошад. Озодии сухан, дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти озоди расонаҳо кафолати рушди устувори ҷомеа маҳсуб меёбад. Моддаи 30-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбори оммаро кафолат медиҳад, ки ин нишонаи равшани сиёсати давлат дар самти таъмини фазои боз ва созандаи иттилоотист.

Имрӯз дар Тоҷикистон барои рушди ВАО заминаи устувори ҳуқуқӣ ва шароити мусоиди фаъолият фароҳам оварда шудааст. Фаъолияти расонаҳо тибқи як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ» ва дигар санадҳо танзим мегардад. Ин заминаи ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки матбуот рисолати худро озодона, масъулона ва касбӣ иҷро намояд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017, №97 "Дар бораи Тартиби баҳисобгирии давлатии фаъолияти ноширӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ" дар 3 соли охир 192 рӯзнома, аз инҳо 131 номгӯй давлатӣ ва 61 номгӯй мустақил, 184 маҷалла, аз инҳо 151-то давлатӣ ва 33-то мустақил, 97-то матбаа, аз инҳо 23-то давлатӣ, 74-то мустақил, 6 агентии иттиллоотӣ, аз ин 1 давлатӣ ва 5 мустақил дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо аз рушди назарраси низоми матбуоти миллӣ шаҳодат медиҳанд.

Маҳз, дар шароити Истиқлоли давлатӣ ва бо ташкили муҳити мусоиди ҳуқуқӣ низоми матбуоти тоҷик аз ҷиҳати шакл, муҳтаво ва таъинот ба сатҳи сифатан нав баромад. Имрӯз матбуоти миллӣ на танҳо иттилоърасон, балки минбари муҳимми таҳлил, андеша, баҳс ва пешниҳодҳои созанда гардидааст.

Дар баробари ин, рушди босуръати телекоммуникатсия ва технологияҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои паҳнсозии иттилоот фароҳам овард. Ин раванд, ҳамзамон, масъулияти журналистонро бештар намуда, талаб мекунад, ки онҳо бо риояи меъёрҳои ахлоқӣ, касбӣ ва миллӣ фаъолият намоянд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Таҳоҷуми фарҳангӣ, паҳнсозии афкори бегона, таблиғи экстремизм ва ифротгароӣ аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддӣ ба шумор мераванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матбуотро ҳамчун «сипари давлат» арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки расонаҳо бояд дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими субот ва боло бурдани эътимоди мардум нақши фаъол дошта бошанд.

Мо итминон дорем, ки аҳли қалами тоҷик дар оянда низ бо масъулияти баланд, садоқат ба касб ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ фаъолият намуда, махсусан, дар солҳои рушди созандагӣ ва худшиносии миллӣ ва дар остонаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, дар самти тарғиби дастовардҳои даврони Истиқлол, таҳкими худшиносии миллӣ, боло бурдани ифтихори ватандорӣ ва муаррифии симои воқеии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ саҳми боз ҳам бештару муассиртар мегузоранд.

***Рӯзи матбуоти тоҷик муборак бод!***

# НАХУСТТАМАДДУНИ ИНСОНСОЗ

**Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ба хотири арҷгузориву гиромидошт, пос доштани ному мероси гузаштагони некномамон – ориёиҳо, ки ба ҷаҳониён забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бойу рангини башардӯстона, аз ҷумла, Наврӯзро, ки ҷашни ваҳдату инсондӯстӣ буда, ягонагиву якдилии инсонҳоро тараннум мекунад, ҳамчунин, анъанаҳои пешрафтаи давлатдориву талош варзиданҳо баҳри некуаҳволии инсонияти рӯйи олам тамаддуну фарҳанги ҷовидонаро ба мерос гузоштаанд, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (аз 16.12.2025) ба Ҳукумати кишвар ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастур доданд, то барои дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе бунёди Конуни тамаддуни ориёӣ чораҳои зарурӣ андешанд.



Воқеан, ин иқдом моро ба худшиносиву худогоҳӣ бурда, водор месозад, то дар рушду густариш ва идомаи фарҳангу тамаддуни ба мо бамеросмонда кӯшиш намудаву пайваста онро тавсеа намоем. Чунки тамаддуни таърихан беш аз шашҳазорсолаи мо ориёиҳо на барои як марҳила, балки барои рушдиояндаи ҷомеаи кишварҳо дар тамоми давраҳои ҳастии башарият нигаронида шудааст.

Тамаддуни ориёӣ ва муҳтавои офаридаҳои маънавии он аз қабили адолат баҳри инсонҳо, ҳифзи арзиши баланди инсон, ҳуқуқу озодиҳои он, бевосита як маҳакест, ки баҳри рушду камолоти инсон равона гардидаву ахлоқи ҳамида ва рафтори инсониро дар муносибат ягон техникаву дастгоҳи тозаихтироъ тарбия карда наметавонад. Бино бар ин, чунин тамаддун, ки маҳз, барои покиву озодагии инсоният бунёд гардидааст, он бояд раванди асосии шуури аҳли ҷомеа гардидаву шиори мардуми рӯйи олам бошад.

Инсоният маҳз, бо чунин тамаддуни волову неҷсириштона метавонад, ҷомеаи ҳуқуқбунёду солимфикрро ба мардумон ато намояд ва ҳамин ҳадафҳо ҳазорсолаҳост, ки дар ҷаҳони илму маърифат ва фалсафаву ҳастии тамаддуни ориёии мо тоҷикон ба мерос мондаасту ин раванди рушди тамаддуни аҷдодиамон идома дорад. Мо бояд дар ташаккули андешаҳои солим ва афкору ақидаҳои инсонпарваронаи тамаддуни куҳанбунёду ҳамешаҷавонамон пайваста амали нек намоем.

Дар раванди густариши тамаддуни ориёӣ, қобили зикр аст, бигӯем, ки рушди ҳар як ҷомеа пешрафти моддию иқтисодӣ бошад ҳам, он пешрафтҳо танҳо дар такя ба камолоти маънавии инсоният ва адлҷӯйӣ, хирадпарварӣ ва посу эҳтиром доштани арзишҳои инсонӣ сарчашма мегирад.

Тамаддуни ориёии мо тоҷиктаборон барои инсоният озодиеро манзур намудааст, ки дар он неруву тавони идоракунӣ ва иззату эҳтироми дигарон аз ҷониби инсон ҷой дорад ва тамоми мазҳабу равияҳо бояд ба таммаддуни инсонсоз такя намоянд.

Мо бояд бо худшиносиву худогоҳии комил ба ҷомеа нигариставу онро ба ҳастиву муҳтавои инсонпарваронаи тамаддуни ориёии хеш тавъам намоем ва пасон, ҳамчун як фарди мусулмон дар роҳи инсондӯстиву якдилии мардумони олам қадам монем:

*Худоё, карда моро бас сухандон,*
*Ту лоиқ дидаӣ чун зоти инсон.*
*Ба фарҳанги саройи одамият*
*Ман аввал тоҷикам, сонӣ мусулмон.*

Яъне, пеш аз ҳама, мо бояд ба тамаддуну фарҳанги инсонсоз ва хирадгарои хеш эҳтиром гузорем ва онро пос дорем, ки он ҳазорсолаҳо пеш сарчашма дорад ва маҳз, он гоҳ мо мусулмони асил – сулҳхоҳу инсонпарвар хоҳем гардид, ки насли ориёнажодем.

**Раҳим Зулфониён**

# К-аз обод кардан
# ҷаҳон шод кард

**Воқеан, Наврӯз, ки имрӯз мақоми байналмилалӣ гирифтааст, Меҳргон, Сада, Тиргон, ки таҷассумгари андешаҳои инсондӯстӣ ва бузургдошти табиат мебошад ва анъанаҳои давлатдории гузаштагони ориёии мо, ки дар таърихи башарият нақши мондагору таъсиргузор бозидаанд, асоси ҳувият ва асолати мо – тоҷикон мебошанд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



Дар китоби «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ пайдоиши Садаро ба шоҳ Каёмарс пайванд медонанд, дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ҷашни Сада дар даврони подшоҳони Эрону Тӯрон ҷашн гирифта мешуд. Ба гуфтаи адабиётшиноси рус Е.Э. Бертельс дар китоби «Таърихи адабиёти форсу тоҷик» (1960) дар замони ҳукмронии шоҳ Маҳмуди Ғазнавӣ аз таҷлили ҷашни Сада худдорӣ намуданд, чунки онро ба фарҳанги Зардуштиён мансуб медонист.

Дар асари «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ пайдоиш ва гиромидошти ҷашни Сада ба номи шоҳ Ҳушанг, писари Каюмарс рост меояд. Шоҳ Ҳушанг, аз қабили шоҳони қадими эронӣ сари мамлакат чиҳил сол подшоҳӣ намуд. Мардум аз боҳушиву зиракӣ ва донишмандиву кордонии ӯ дар кишвар ба ҳаёти осоишта ва шоиста дар он замон, мушарраф гардиданд. Дар замони ҳукмронии Ҳушанг аввалин маротиба тафовути санг аз оҳан шинохта шуд ва санги хорову тарзи истифодаи он дар зиндагӣ ба миён омад. Пешаи оҳангарӣ ба вуҷуд омад, мардум тариқи дар оташ гудохтани оҳан ва аз он сохтани арраву табару теша ва найзаву шамшеру ашёи рӯзгорро омӯхтанд.

Бо шарофати донишу маърифати давлатдории Ҳушанги боҳуш, халқи кишвар ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва осоиштагии рӯзгор ноил шуданд. Рӯзе аз рӯзҳо шоҳ, ҳамроҳи лашкари худ ба ҷое расиданд, ки муқобили онҳо як мори сиёҳи азимҷуссае бо чашмони пурхун сари роҳ баромад. Ва Ҳушанг бо як чолокӣ ва далерии беҳамто муқобили мори сиёҳ сангеро ба сӯяш ҳаво дод, вақте санг бар санг бархӯрд, аз он шарораи оташ бархост ва он мори сиёҳ низ нопадид гашт. Фурӯғи оташ аз бархӯрди сангҳо як кашфиёт ва як ихтироъи нави Ҳушанг буд, ки дар фарҳанги давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоии олами башарият саҳифаи нави таърихиро кушуд.

*Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,*
*Дили санг гашта аз фурӯғ озаранг.*
*Нашуд мор кушта, валекин зи роз,*
*Падид омад оташ аз он санг боз.*

Аз бархӯрди ду санг ба вуҷуд омадани оташ дар замони шоҳ Ҳушанг, ин таҳаввуллоти нави афкори ҷомеаи он давра буд, ки ба сифати як дигаргунӣ, тағйирот ва инқилоби фикрӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ хеле муассир буд. Шоҳ эҷоди оташро ҳамчун ҳадяи яздонӣ медонист ва ин фурӯғи эзидиро бояд парастид, гуфт:

*Ҷаҳондор пеши ҷаҳонофарин,*
*Ниёиш ҳамекарду хонд офарин.*
*Ки ӯро фурӯғе чунин ҳадя дод,*
*Ҳамин оташ он гоҳ қибла ниҳод.*
*Бигуфто: «Фурӯғест ин эзадӣ,*
*Парастид бояд, агар бихрадӣ».*

Ин шодиву нишот, афрӯхтани оташ ба баландӣ чу кӯҳ дар шаби тор рамз ва суннати ҷашни Сада бо парастидани оташ давоми қарнҳои зиёд байни мардуми ориённажод чун қувваи тавонову гарму рӯшан ва саломативу ҷовидонагӣ чун яке аз чор унсур – оташу об, боду хок то имрӯз боқӣ мондааст ва ҷашни Сада бо ному ихтирооти шоҳ Ҳушанг дар таърихи инсоният саҳифаи эҳёи илму маърифат шинохта шудааст.

**Ҳафиза Бобоҷонова**
муаллими филиали
МД ДҶТИБКСМ
дар шаҳри Душанбе



# ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНИИ СУМАНАК

**10-уми декабри соли равон зимни Иҷлосияи 20-уми Кумитаи байниҳукуматии мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО дар шаҳри Деҳлии Нав номинатсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Фарҳанги суманакпазӣ» ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид. Тавре аз Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар медиҳанд, номинатсияи мазкур аз ҷониби Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО таҳия гардида, соли 2023 ба баррасии ин Созмон пешниҳод шуда буд. Эътирофи ҷаҳонии суманак ҳамчун мероси фарҳанги ғайримоддӣ боз як далели дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоиста доштан ва кишвари ташаббускор шинохта шудани Тоҷикистон аст.**

Суманак яке аз куҳантарин таомҳои миллии тоҷикӣ буда, аз замонҳои бостон то имрӯз як навъ ғизои ҳаётбахш шинохта мешавад. Он аз шираи донаҳои гандуми сабзида (нешзада) пухта мешавад.

Донишманди тоҷик, профессор Равшан Раҳмонӣ дар мавриди мақоми суманак дар фарҳанги миллати тоҷик менависад:

«Суманак рамзи назру ниёз ба пешвози баҳор, Наврӯзу Соли нав аст. Ҳангоми пухтани он занону модарон таманно менамоянд, ки Соли нав бофайзу баракат шавад. Дар чунин ҳолат, суманак намоди фаровонӣ ва беҳкории зиндагии ояндаи инсон аст. Пухтани суманак вақти зиёдро мегирад, занону духтарон онро дастҷамъона мепazанд, ки ин як навъ таҳаммулу сабру бардошти одамиро ифода менамояд. Суманакпазӣ аз омода кардан то тақсим намудан, тақрибан, як шабонарӯзро дар бар мегирад. Баъзеҳо суманакро ба муддати 10-15 соат мепазанд. Тулонӣ будани суманакпазӣ чунин рамз дорад, ки одамон дар Соли нави оянда дар иҷрои ҳама корҳо бо сабру таҳаммул бошанд ва ҳамчунин, ҳар мушкилоти зиндагиро бо тавоноӣ ва шодмонӣ бартараф намоянд».

Суманак як навъ ғизои маъруфи гиёҳии наврӯзист, ки аз обу шираи гандуми сабзонида ва сабзаи он таҳия карда мешавад. Суманак нишону намоди тамаддуни зироаткорӣ, рамзи зиндагии муқиминишинӣ, ба даст овардани маҳсулоти хӯшаӣ ва аломати қудрату нерумандист.

Ҳамчунин, раванди омодашавӣ ва хӯрдани суманак рамзи иттиҳоду ҳамбастагӣ мебошад, зеро занҳои тоҷик ҳангоми кофтани дег таронаи «Суманак дар дег, мо кафча занем»-ро месароянд, кинаву кудуратро аз дил дур мекунанд ва ба Соли нав омода мешаванд. Субҳ, вақте ки суманак тайёр мешуд, мардумро даъват мекарданд, рақсу бозӣ мекарданд, духтарон ҳойпарӣ (арғунчакбозӣ) ва бачаҳо гуштингирӣ менамуданд.

Пажӯҳишгари тоҷик, ходими пешбари илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи



миллии илмҳои Тоҷикистон Мумина Шовалиева мегӯяд, ки дар Тоҷикистон чор навъ суманак омода мекунанд:

-аввалан суманаке, ки дастҷамъона омода карда мешавад, махсусан, дар рӯзи Наврӯз:

-суманаки дегчагӣ, ки онро бештар меҷӯшонанд ва ба монанди ҳалво омода мекунанд. Пасон, онро дар лаълӣ гирифта, баъде, ки мисли ҳалво сахт шуд, реза мекунанд. Он бештар дар ноҳияи Шаҳритус ва баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон омода карда мешавад:

-суманаки нонӣ, ки ба оби омодагаштаи сабза орд ҳамроҳ намуда, кулча омода мекунанд. Онро асосан, дар танӯр, ба болои лаълиҳои оҳанин гузошта, дар болои лахчаи оташ мепазанд:

-суманаки хурмагӣ, ки бештар дар ноҳияҳои Тоҷикободу Нуробод ва ноҳияҳои кӯҳистон омода мегардад. Ширaи суманакро дар хурма (як навъ зарфи сафолӣ) андохта, онро дар таги хокистари оташ як шабонарӯз нигоҳ медоранд.

**Шоиста Исматзода**

# АЗ ТАБОРИ ГУРДОФАРИД

**Артиши миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақили мо маҳсуб ёфта, кафили амният, субот ва якпорчагии кишвар ба шумор меравад. Дар баробари мардон, имрӯз бонувони тоҷик низ дар таҳким ва рушди Артиши миллӣ саҳми назаррас мегузоранд. Ҳузури фаъолонаи занон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ нишонаи болоравии мақоми иҷтимоии онҳо ва эътимоди давлат ба неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии бонувон мебошад. Яке аз ин бонувони шуҷоъ ёрдамчии фармондеҳ - ҳуқуқшиноси Дастгоҳи фармондеҳи Қушунҳои хушкигарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚМҶТ), подполковник Раҳматуллозода Ганҷина Раҳматулло аст.**



## ТАРБИЯИ МОДАР

Подполковник Ганҷина Раҳматуллозода мегӯяд, ки ҷасорату матонат ва иродаи қавиву нотарсиро дар қалби ӯ модар ҷой кардааст.

“Падару модарам – Раҳматулло Шарифов ва Майлонгул Шарифова барои тарбияи мо чизеро дареғ намедоштанд. Мо дар оила 6 духтар будему як писар, вале падару модарам моро дар руҳияи ҷасурӣ, шуҷоатмандӣ, эҳтироми дигарон ва хизмат ба халқу Ватан тарбия карданд. Махсусан, бандаро модарам талқин карданд, ки либоси низомӣ бипӯшам ва хизмати Модар- Ватанро кунам.” – мегӯяд Ганҷина Раҳматуллозода.

Маҳз, тарбияи падару модар буд, ки аз ин хонавода се нафар либоси низомӣ ба тан карда, ба хизмати Ватан камар бастанд: худи Ганҷина Раҳматуллозода – афсари Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҳараш Чаман Шарифова – афсари Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастурдиҳанда оид ба кор бо ҷавонони қисми ҳарбии 08010 ва бародараш Бахтиёр Шарифов – нозири минтақаи ноҳияи Муминобод ҳастанд. Хоҳарони дигари ин хонавода: Асолат – омӯзгор, Охирмо – ҳамшираи тиб, Гардишмо – муовини раиси ҷамоат, Фирӯза – омӯзгор шуда, ба халқу Ватан хизмат мекунанд. Ин далели он аст, ки дар тарбияи шахсият оила нақши муҳим дорад.

Ганҷина Раҳматуллозода мегӯяд, ки ба бар кардани либоси низомӣ на танҳо ифтихор, балки масъулияти бузург аст.

## ПАЙРОҲАИ ЗИНДАГӢ

Раҳматуллозода Ганҷина Раҳматулло 26 феврали соли 1974 дар деҳаи Ту-Туи ноҳияи Муминободи вилояти Хатлон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Солҳои 1981-1991 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умуми №7-и ба номи М. Горкийи деҳа таҳсил кардааст. Баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб месупорад. Гарчанде, бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ вазъияти кишвар ноором шуд ва таҳсил барои духтарон бисёр душвор буд, ӯ таҳсилро канор нагузошт ва соли 1995 коллеҷи тиббиро хатм кард.

Пас аз оиладор шудан Ганҷина Раҳматуллозода ба шаҳри Хуҷанд мекӯчад ва соли 2003 ихтиёран ба Комиссариати ҳарбӣ муроҷиат карда, бо фармони вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи ҳамшираи калони тиббии Дармонгоҳи қисми ҳарбии 08030 Қушунҳои хушкигарди ҚМҶТ ба кор пазируфта мешавад.

“Саҳми бонувон дар соҳаи тибби ҳарбӣ хеле бузург аст. Табибон ва ҳамшираҳои шафқат дар шароити гуногун, ҳатто дар ҳолатҳои душвор, барои ҳифзи саломатии сарбозон хизмат мекунанд. Меҳрубонӣ, сабр ва масъулиятшиносии онҳо боис мегардад, ки сарбозон худро дар муҳити бехатар ва ғамхорона эҳсос намоянд”. – мегӯяд Ганҷина Раҳматуллозода, ки солиёни зиёд ҳамчун ҳамшираи ҳарбӣ кору фаъолият кардааст.

## АЗ ҲАМШИРАГӢ БА АФСАРӢ

Ганҷина Раҳматуллозода соли 2009 дар баробари хизмат дар ҚМҶТ ба Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2014, онро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм мекунад.

Аз соли 2010 бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ба вазифаи ёрдамчии сардори ситоди қисми ҳарбии 08362 Қушунҳои хушкигарди ҚМҶТ ва аз соли 2011 ба вазифаи сардори қисми сафии қисми ҳарбии 08010 Қӯшунҳои хушкигарди ҚМҶТ таъин гардида, ба хизмати ҳарбӣ идома медиҳад.

“Яке аз нақшҳои муҳимми бонувон дар Артиши миллӣ ин тарбияи кадрҳои ҷавон дар рӯҳияи

ватандӯстӣ, интизом ва масъулиятшиносӣ мебошад. Зан-афсарон ва зан-мутахассисон бо донишу таҷрибаи худ ба сарбозон на танҳо донишҳои касбӣ, балки арзишҳои ахлоқӣ, эҳтиром ба Ватан ва садоқат ба Савганди ҳарбиро меомӯзонанд. Ин омил ба таҳкими рӯҳияи ҷангӣ ва болоравии сатҳи маънавии хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат мекунад." – мегӯяд ҳамсуҳбати мо – подполковник Ганҷина Раҳматуллозода.

### ЗАНОН ДАР САФИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

Ганҷина Раҳматуллозода бо фармони Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 ба вазифаи сардори дабирхона – котиби Шӯрои ҳарбии Дастгоҳи фармондеҳи Раёсати Қушунҳои хушкигарди ҚМҶТ таъин гардид. Аз соли 2019 бошад ёрдамчии фармондеҳ - ҳуқуқшиноси Дастгоҳи фармондеҳи Қушунҳои хушкигарди ҚМҶТ таъин шуда, то имрӯз дар ин вазифа кору фаъолият мекунад.

Ганҷина Раҳматуллозода мегӯяд:

"Аз рӯзҳои аввали таъсиси Артиши миллӣ занону духтарон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ба ҳифзи марзу буми кишвар ҷалб гардиданд. Онҳо на танҳо дар бахшҳои тиббӣ, алоқа ва корҳои маъмурӣ, балки дар самтҳои ҳарбӣ-тактикӣ, омӯзишӣ ва ҳатто идоракунӣ низ фаъолият мебаранд. Ин далел гувоҳ аст, ки бонувон метавонанд дар баробари мардон вазифаҳои масъул ва пуршарафи ҳарбиро бо сарбаландӣ иҷро намоянд".

Ба гуфти Ганҷина Раҳматуллозода айни замон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз ҳазору сесад нафар бонувон хизмат мекунанд, ки аз ин беш аз 400 нафарашон афсар мебошанд ва рутбаҳои ҳарбӣ доранд.

"Бонувон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар то ба рутбаи полковникӣ расида, дар баробари мардон хизмати Модар Ватанро анҷом медиҳанд. Онҳо дар баробари мардон масъулият доранд ва аз имтиёзҳо низ бархӯрдоранд" – мегӯяд, подполковник Раҳматуллозода Ганҷина.

### ТАВАҶҶУҲИ РОҲБАРИЯТИ КИШВАР

"Бо дастгирии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз барои ҷалби бештари духтарон ба соҳаи ҳарбӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Омӯзишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимии ҳарбӣ ба духтарон имконият медиҳанд, ки ихтисосҳои гуногуни ҳарбиро аз худ кунанд ва ҳамчун мутахассисони соҳибкасб ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ворид шаванд. Ин иқдомҳо нишон медиҳанд, ки давлат ба неру ва қобилияти бонувон эътимоди комил дорад" – мегӯяд Раҳматуллозода Ганҷина.

Ҳамсуҳбати мо мегӯяд, нақши бонувон дар рушди Артиши миллӣ танҳо бо иҷрои вазифаҳои хизматӣ маҳдуд намешавад. Онҳо, инчунин, бо фаъолияти ҷамъиятӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқи арзишҳои ватандӯстӣ дар ҷомеа саҳм мегузоранд. Бонувони ҳарбӣ барои духтарони ҷавон намунаи ибрат шуда, онҳоро ба хизмати Ватан, омӯзиши касбҳои масъул ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҳидоят мекунанд.



"Имрӯз дар Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари мо бо талоши пайвастаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи шароит муҳайё аст. Роҳбарияти Вазорати мудофиаи кишвар таҳти роҳбарии Вазири мудофиаи Тоҷикистон генерал-лейтенант Собирзода Эмомалӣ низ пайваста бонувонро дастгирӣ мекунанд." – мегӯяд Ганҷина Раҳматуллозода.

### ОРЗУИ ЯК БОНУИ АФСАР

Подполковник Ганҷина Раҳматуллозода дар баробари муваффақият дар кор оилаи обод низ дорад. Бо шавҳараш, Муборакшо Салимов, ки солиёни зиёд дар Сарраёсати Қушунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ кору фаъолият карда, феълан нафақахӯр аст, ду фарзандро тарбия мекунанд. Писарашон Сарфарози Муборак дар курси дуюми Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва духтарашон Меҳримани Муборак хонандаи Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломови пойтахт мебошад.

Қаҳрамони мо бо вуҷуди зан будан, аз табори Гурдофариди қаҳрамон аст, зеро ҳам модари мушфиқу меҳрубон аст, ҳам афсари содиқи Ватан. Ӯ хушҳолу сарфароз аст, ки хизматҳояшро давлату ҳукумат ва Вазорати мудофиаи кишвар бо мукофотҳо қадршиносӣ кардаанд.

"Нақши бонувон дар рушди Артиши миллӣ хеле муҳим ва арзишманд аст. Ҳузури онҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо қудрати мудофиавии кишварро таҳким мебахшад, балки мақоми занро дар ҷомеа боз ҳам баланд мебардорад. Бонувони тоҷик бо меҳнати содиқона ва ҳисси баланди ватандӯстӣ исбот менамоянд, ки ҳифзи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди кишвар, новобаста аз ҷинс, мебошад." – мегӯяд ӯ.

Дар фарҷоми суҳбат аз Ганҷина Раҳматуллозода пурсидам, ки чӣ орзу дорад?

-Як модар, як афсар чӣ орзу дошта метавонад? Орзуи ман ҳамин аст, ки осмони кишварам софу беғубор бошад! – мегӯяд ӯ.

**Одили Нозир**

# ЛИБОСИ МИЛЛӢ – ЭҲТИРОМИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бо таърихи куҳан, фарҳанги ғанӣ ва арзишҳои миллии беназир ҳамвора масъалаи ҳифзи асолати миллӣ ва тарғиби фарҳанги аҷдодиро дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор медиҳад. Дар Паёми навбатии хеш Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (16 декабри соли 2025) таъкид карданд, ки бегонапарастӣ ҳамчун падидаи номатлуб метавонад ба заъфи худшиносии миллӣ, коста гардидани арзишҳои фарҳангӣ ва халалдор шудани ваҳдати ҷомеа оварда расонад.**



Пешвои миллат зарурати таҳкими тафаккури миллӣ, эҳтиром ба анъанаҳо, урфу одат ва фарҳанги миллиро ҳамчун омили асосии пойдории давлат ва ҷомеа таъкид намуданд.

Дар ҳошияи гуфтаҳои ҳикматбори Президенти кишвар зикр намудан ҷоиз аст, ки мо мардуми тоҷик дар баробари дигар арзишҳои фарҳанг ва муқаддасот ба либоси миллӣ ҳамчун унсури таърихӣ таваҷҷуҳ менамоем.

Дар Паёми Пешвои муаззами миллат таъкид гардид, ки тарғиби фарҳанги миллӣ бояд на ба таври шиор, балки бо усулҳои муосир, муассир ва ҷолиб, махсусан, барои ҷавонон ба роҳ монда шавад. Яъне фарҳанги миллӣ бояд ҳамқадам бо замон рушд кунад, аммо асолати худро аз даст надиҳад.

Дар ин раванд, дар баробари кормандони соҳаи маорифу фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма нақши оила низ муҳим аст. Зеро омӯзиши анъанаҳо ва амалҳои маънавӣ аз оила оғоз мешавад ва насли навро дар руҳияи миллӣ тарбия мекунад. Нақши занон ва оила дар ҳифзи фарҳанг ва муқовимат ба бегонапарастӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар ин хусус Сарвари давлат иброз доштанд:

“Бовар дорам, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, аз ҷумла, сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъйу кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд".

Ба андешаи ҷуғрофиёшиносон дар асрҳои IX-X Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Фарғона марказҳои маъруфи истеҳсоли матоъҳои пахтагину абрешимӣ маҳсуб меёфтанд. Матоъҳои шоҳӣ, атлас, адрас, беқасаб, карбос, алоча ва чити Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Истаравшан дар сартосари дунё харидорони зиёде доштанд.

Ривояте ҳаст, ки атласбофони Хуҷанд ба ҳунармандони Марғелон, сабку услуби бофтани матои пурнақшу нигори атласро таълим додаанд. Шоистаи зикр аст, ки эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, махсусан, дар мавриди либоси миллӣ, пеш аз ҳама, фарҳанг ва тамаддуни ғании худро нигоҳ дошта, дар ин замина, ахлоқи миллӣ, ки худ инъикоскунандаи инсон будани ҳар фарди миллатдӯстро нишон медиҳад, муаррифӣ мегардад.

Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Худошиносӣ қутбнамоест, ки моро ба сӯйи асолат ва ҳувияти миллӣ роҳнамоӣ карда, роҳи душвори давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро бароямон осонтар мегардонад».

Ба ин хотир, пос доштан ва эҳтиром гузоштан ба либоси миллӣ ва ҷалби ҷавонон ба пӯшидани он худ гувоҳии худшиносии миллӣ буда, нишонаи эҳтиром гузоштан ба таърих ва суннати аҷдодии худ мебошад.

**Сарвиноз Курбонова**
*устоди факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров*

# ОФТОБИ РӮЗГОР

**Модар қиматтарин неъмати рӯйи дунё, сарчашмаи муҳаббати беканор, чашмаи мусаффо ва махзани нури маърифат, ҳимматбаландтарин фарди башар аст. Меҳри беохир ва навозиши гарми модар моро ба оламу одам ошно сохта, дар домони покаш муҳаббати инсониро омӯхта, ба зиндагӣ бо нигоҳи нек назар карданро сабақ медиҳад.**

Мо канори модар дар олами рангини кӯдакӣ ба воя расида, дарси одаму одамият муҳаббати ватандориро аз ин фариштаи покниҳод омӯхтаем. Канори модар худ давлати беназир ва биҳишти нозанин аст. Устоди шеъри ноб Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

*Ту монанди замин танҳоӣ, модар,*
*Ту монанди замин яктоӣ, модар.*

Модар дар ҳама лаҳзаҳои рӯзгор дилаш ба ёди фарзанд метапад. Оромиву сиҳатӣ ва хушгуфтории фарзандро дида меболад.

Бузургии ин фариштаи хушсимо дар адабиёт мақоми хоса дорад, шоирону адибони олам симои воқеии ӯро дар сухан таровиш дода, номашро то ба моҳ шабоҳат доданд.

Зиндагӣ худ шеър аст, ки аз аллаи модар ибтидо мегирад, бузургӣ ва шаҳомати ӯ тимсоли ватан аст. Ҳама бузургону нобиғагони олам парвардаи дунёи ҳавасҳои модаранд. Аз ин рӯ, ҳар кас бояд қадри ин ганҷи бебаҳо бирасад.

Байти зебои Лоиқ Шералӣ чароғи равшани олами гуфтори мост:

*Аз сарвату зи шуҳрат гар бар фалак занам сар,*
*Таъзим мекунам боз дар пеши пойи модар.*

Дар ин мисраъҳо шоир ҳиссиёт ва бузургии модарро ба тамоми нафосати шоирона тасвир кардааст. Меҳри модар хуршедро мемонад, ки оламро нур мепошад. Ишқи ӯ чашмаҳои пурҷушро мемонад, ки дашту биёбон, саҳрою мағзоронро гулистон мекунад. Агар панду дуои модар намебуд, дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ раҳгум мезадем. Агар олими заминем, агар қаҳрамонем, агар марди майдону Рустами замонем – ҳама аз баракати дасту дуои модар аст.

*Модар фариштатар зи тамоми фариштаҳост,*
*Номаш нишотбахши каломи фариштаҳост.*
*Бо нури осмониву бо ҷисми хоксор,*
*Болотар аз шукӯҳу мақоми фариштаҳост.*

Чӣ ҳарфу сухани хуше гуфта, шоири хушбаёни мо Озарахш андар ситоиши Модар. Қаламат сабз



бодо шоир, ки ҳарфи дили ҳазорон фарзандро гуфтӣ!

Модар азизтарин инсон барои ҳар якеи мо маҳсуб меёбад. Ӯ аввалин шахсест, ки ҳангоми чашм ба олами ҳастӣ кушоданамон рӯйи чун моҳ зебояшро мебинему ба вай меҳр мебандем. Дар дунё метавон ҷои касеро дигарӣ гирад, вале ҷойи Модарро ҳеҷ кас гирифта наметавонад, зеро Модар нотакрор аст. Модар арзандатарин ва ноёбтарину қиматарин фарди рӯйи замин аст. Қудрату бузургии Модар дар он ҳувайдост, ки ӯ бо як даст гаҳвораро меҷунбонаду бо дасти дигари хеш дунёро такон медиҳад.

...Модар дасти дуо ба даргоҳи Худованди меҳрубон мебарӣ, ки роҳи фарзандат дар роҳи сафар бехатар бошад. Модар рӯ ба даргоҳи ниёз меорӣ, ки ризқи фарзандат фаровон бошад. Модар подоши ҳама меҳрубониҳоят, бедорхобиву шабзиндадориҳоят хеле дӯстат медорам. Эй фаришти рӯйи замин, арзандаи ҳама васфу ситоишҳоӣ! Рӯ ба даргоҳи ниёз меорем дуо мекунем, ки рӯзгорат фархунда бошад!

**А. Аскарзода**

# ОИНАИ ИБРАТ

**Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он буда, донишу заковат, гармии худро бедареғ ба фарзандон медиҳад ва хешро хушбахт меҳисобад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



### ДАРИЧАИ ОШНОӢ

Басгул Абдуллоева 20 январи соли 1965 дар маркази ноҳияи Темурмалик дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ӯ аз хурдӣ дар дил шавқи омӯзгорӣ дошт ва ҳамеша хоҳарону бародар, ҳамсолони худ ва хурдакони деҳаро дар хонаашон ҷамъ намуда, ба онҳо дарс медод, шеър мехонд ва худро ҳамчун муаллима тасаввур мекард. Дар он замон, барои як духтараки навҷавон ба шаҳр рафта хондан бисёр мушкил буд ва падару модараш ҳамеша нигарон буданд, аммо аз самими қалб мехостанд, ки духтараки меҳрубонашон ба мақсадҳои бузургаш бирасад. Он ҳама ишқу муҳаббат ба ин касб буд, ки ӯ пас аз хатми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 соли 1982 ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, факултети забони русӣ супорид. Пас аз хатми донишгоҳ соли 1987 давоми як сол дар МТМУ №2 ва солҳои 1988-1989 дар МТМУ №1-и ноҳия ба хонандагон дарс гуфт. Пас аз се соли корӣ оиладор шуда, дар давоми зиндагӣ соҳиби 3 фарзанд гардид. Чанд муддат ба тарбияву таълими дуструякони худ машғул буд. Шавқи омӯзгорӣ ҳамоно дар қалбаш шуълавар буд, ки фарзандони худро дар роҳи дуруст ва зеҳни закӣ тарбият намуд.

### МУҲАББАТ БА КАСБ

Дар ҷомеа ашхосе ҳастанд, ки бо меҳнати софдилона, муҳаббат ва садоқат ба касб, на танҳо аз фанне дарс медиҳанд, балки роҳи зиндагиро ба инсонҳо меомӯзонанд. Яке аз чунин шахсиятҳо омӯзгор Басгул Абдуллоева аст. Вай зани фидокорест, ки умри худро ба таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Ӯ танҳо омӯзгор нест, ӯ модар аст, роҳнамо аст ва чароғест, ки роҳи торики нодониро равшан мекунад.

Басгул Абдуллоева солҳост, ки дар мактаб ба ҳайси омӯзгори синфи ибтидоӣ фаъолият мекунад. Ӯ касби омӯзгориро на барои ном ё мансаб, балки аз рӯйи меҳру бовар интихоб кардааст. Ҳар саҳар бо чеҳраи кушода ва дили пур аз умед ба синф медарояд. Барои ӯ ҳар як шогирд шахсияти ҷудогона аст, на танҳо рақам дар дафтари синф.

Дар симои ӯ оромӣ, хоксорӣ ва бузургӣ ҳарзамон дида мешавад. Суханаш нарм, вале таъсирбахш аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ шогирдро таҳқир намекунад, балки бо сухани нек ва мисолҳои зиндагӣ хатояшро мефаҳмонад. Бовар дорад, ки тарбия пеш аз таълим меояд. Аз ҳамин сабаб, дар дарсҳояш на танҳо дониш, балки ахлоқ, инсондӯстӣ, худшиносӣ ва ватандӯстӣ низ омӯзонида мешавад.

### ФАЪОЛИЯТИ КОРӢ

Басгул Абдуллоева дар тули таҷрибаи худ дар якчанд муассисаҳои таҳсилотӣ дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст. Тавре дар боло зикр намудем, муаллима ҳамчун зани ҳалиму меҳрубон, модари ғамхор соҳиби се писару 5 набера аст. Пас аз як муддати таъхир дар фаъолият, ки ба тарбияи фарзандон машғул буд, боз ӯ ба фаъолияти корӣ шуруъ мекунад. Баъдан, соли 1992 ҳуҷҷатҳои худро ба шуъбаи ғоибонаи таҳсилоти ибтидоӣ супорида, таҳсилро дар баробари фаъолияти кориаш идома медиҳад. Ҳамзамон, аз соли 1995 ҳамчун омӯзгори забони русӣ ва баъдан, ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар МТМУ-и №1 ноҳия фаъолият кардааст.

Пас аз гузашти 10 сол ӯ бо аҳли оилааш ба шаҳри Душанбе мекӯчанд ва ин сабаб мешавад, ки муаллима фаъолияти худро дар шаҳр идома диҳад. Аз ин рӯ, аз соли 2015 дар МТМУ-и №37 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе фаъолияти худро ба ҳайси муовини директор оид ба синфҳои ибтидоӣ шу-



руъ мекунад. Ҳоло бошад аз соли 2019 то инҷониб, дар МТМУ-и №32 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоии гурӯҳи забони русӣ ба хонандагон дарс медиҳад. Дар ин боргоҳ ҳама устодону шогирдон ба ӯ меҳр доранду эҳтиром мегузоранд.

### МУНОСИБАТ БО ШОГИРДОН

Ӯ ба шогирдонаш мисли фарзандони худ муносибат мекунад. Агар яке аз онҳо ғамгин бошад, ҳатман сабабашро мепурсад. Агар касе ақиб монад, ӯро танҳо намегузорад. Баъд аз дарс, низ вақт меёбад, то фаҳмонад, такрор кунад ва руҳбаланд созад. Ин гуна муносибат дар дили шогирдон эҳтиром ва муҳаббати бузург ба устодро ба вуҷуд овардааст.

Муаллима ҳамеша таъкид мекунад, ки дониш бузургтарин сарват аст. Ӯ кӯдаконро ба китобхонӣ, андешаи мустақил ва худсозӣ даъват менамояд. Ба шогирдон мефаҳмонад, ки ояндаи кишвар дар дасти онҳост ва барои сохтани ҷомеаи солим ҳар яке бояд масъулият дошта бошад. Ин суханҳо танҳо шиор нестанд, балки аз зиндагии худи ӯ сарчашма мегиранд.

Бисёр шогирдоне, ки имрӯз табиб, омӯзгор, муҳандис ё хизматчии давлатӣ шудаанд, бо ифтихор номи муаллимаи худро ба забон меоранд. Онҳо эътироф мекунанд, ки маҳз, маслиҳат, дуо ва боварии омӯзгор сабаб шуд, ки роҳи дурустро интихоб намоянд. Чуноне ки худи Басгул Абдуллоева мегӯяд, - «бузургтарин мукофот барои ман дидани самараи меҳнатам дар зиндагии шогирдон аст».



### НАМУНАИ ИБРАТ

Барои омӯзгорони ҷавон Басгул Абдуллоева намунаи ибрат аст. Ӯ нишон медиҳад, ки бо поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат ба касб метавон дар дилҳо ҷовидон монд. Ҷавонон аз ӯ метавонанд омӯзанд, ки масъулият, сабр ва эҳтиром ба дигарон асоси муваффақият аст. Бояд гуфт, ки омӯзгор ганҷи ҷомеа аст. Қадри чунин инсонҳо бояд дониста шавад, зеро, маҳз, онҳо пояи фардои дурахшони миллатро мегузоранд. Эҳтироми омӯзгор эҳтироми дониш, фарҳанг ва инсонгароист. Чуноне мегӯянд, омӯзгор чароғест, ки бо нури худ роҳро барои садҳо дил равшан мекунад.

**Зулфияи Шариф**

# ЭҲЁГАРИ МАҶАЛЛАИ БОНУВОН

**Хонандагони азизи маҷаллаи "Фирӯза"! Имрӯзҳо шумо дар замони соҳибистиқлолии кишварамон, дар даврони рушди технологияи навини чопӣ, шумораҳои мусаввар ва муҷаллали маҷалларо ба даст гирифта, шояд фикр намекунед, ки он 94 сол қабл чӣ гуна ва дар чӣ шароите чоп мешуд? Ва чӣ роҳҳои пурпечутобро ин маҷалла пушти сар кард? Оё медонед, ки маҷалла 10 сол аз нашр бозмонда буд ва бо шарофати як бонуи дилсӯз чопи он дубора ба роҳ монда шуд...**



*Саида Холиқова*

Шумораи нахустини маҷаллаи "Фирӯза" тахти унвони "Бо роҳи ленинӣ" соли 1932 нашр шудааст. Муҳаррири нахустини маҷалла Ортиқбоева мебошад, ки мутаассифона ҳанӯз дар бораи ӯ маълумоти кофӣ дар даст нест. Маҷалла бо ҳамин унвон то соли 1941, яъне то оғоз шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ нашр мешуд, вале бо оғози ҷанг, ба далели ҳазф шудани буҷети соҳаи табъу нашр чопи он боз дошта шуд.

Ҷанг соли 1945 хотима ёфт, вале эҳёи дигарбораи маҷалла ба ёди касе наомад. Ҳол он, ки дар он солҳо аксари кишварҳои Иттиҳоди Шуравӣ барои занон маҷаллаи вежа доштанд.

Бо гузашти қариб 10 сол, аниқтараш соли 1951 Котиби кумитаи марказии Ҳизби Комунистии Тоҷикистон Саида Холиқова масъалаи эҳёи дубораи маҷалла барои занонро ба миён мегузорад, вале бо номи дигар – "Занони Тоҷикистон".

Дар ин бора шоири ҷанговар Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ дар ёддоштҳояш менависад: "Маро баъди ҷанг Котиби КМ ҲК Тоҷикистон Саида Холиқова ба наздаш ҷеғ зада, гуфт: «Ҷанг кайҳо тамом шудааст, вале мо ҳанӯз нашри журнали занонро эҳё накардаем» ва супориш дод, ки маводи маҷалларо омода кунем. Ҳамин тавр, маҷалла аз нав эҳё шуд. Саида Холиқова муҳаррири маҷалла буд.".

Яъне баъди эҳёи маҷалла Саида Холиқова як муддат вазифаи сардабириро худаш иҷро мекунад ва ба кори маҷалла қаламкашони касбиро ҷалб менамояд...

Банда дар бораи рӯзгор ва корномаи Саида Холиқова бисёр ҷустуҷӯ карда, аз ду манбаъ яке аз китоби ходими давлатӣ Искандар Қаландаров "Они были первыми" (2003) ва рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» (некрологи фавти С. Холиқова, 12 декабри соли 1975) маълумот пайдо кардам...

Холиқова Саида Ахмедовна 19.12.1911 дар маркази тамаддуни тоҷикон шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Падару модараш аз нафароне буданд, ки аз сиёсати Ҳукумати Шуравӣ истиқбол намуда, мавқеъ ва обрӯ доштанд. Падараш Аҳмадҷон Холиқзода корманди ҳизбӣ буд.

Саида дар мактаб хату савод баровconfigurationарда, фаъолияти меҳнатиашро соли 1929 аз корхонаи нассоҷии шаҳри Бухоро оғоз мекунад. Баъдан, сарнавишти ӯ чунин сурат мегирад: Солҳои 1931-1933 раиси иттиҳодияи хӯроки умуми шаҳри Бухоро; 1933-1934 раиси Иттифоқи касабаи кормандони савдои шаҳр; 1934-1936 муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ, 1936-1937 мудири бахши баҳисобгирии Кумитаи марказии Комсомоли Тоҷикистон; 1937-1939 мудири шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи давлатии шаҳри Душанбе; 1939-1940 Котиби якуми Кумитаи комсомоли ноҳияи Роҳи оҳан; 1940-1942 Котиби якуми Кумитаи комсомоли шаҳри Сталинобод; 1942-1943 мудири бахши кадрҳои КМ ҲК Тоҷикистон; 1943-1945 котиби Кумитаи марказии Комсомол; 1945-1948 мудири шуъбаи савдо ва хӯроки умумии шаҳри Сталинобод; 1948-1954 котиби КМ ҲК Тоҷикистон, 1954-1958 муовини раиси Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон буд. Номбурда соли 1958 ба нафақа мебарояд. Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва дигар мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ шудааст.

Саида Холиқова 10 декабри соли 1975 дар шаҳри Душанбе аз олам даргузашт. Ин зани фидоӣ, барои рушди соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон талош кард, вале муҳимтарин кори ӯ, эҳёи маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" буд, ки имрӯзҳо бо номи "Фирӯза" нашр мешавад. Ҳамин аст, ки номи ӯ дар таърихи матбуот ва журналистикаи тоҷик бо ҳуруфи заррин сабт хоҳад шуд.

**Одил Нозир**

# «ФИРӮЗА»
# - БЕҲТАРИН МАҶАЛЛАИ СОЛИ 2025

**Маҷаллаи "Фирӯза" дар Озмуни ҷумҳуриявии "Рӯзнома ва маҷаллаи беҳтарин дар соли 2025" дар номинатсияи "Нашрияи ҷумҳуриявӣ" соҳиби мақоми дуюм гардид. Ин дастовард барои аҳли эҷод ва мухлисони маҷалла муждаи нек аст, зеро аз миёни 181 маҷалла, ки дар ҷумҳурӣ нашр мешаванд, сазовор гардидан ба ин мақом ҳам ифтихори бузург аст, ҳам масъулияти кормандонро дучанд мекунад.**







Озмуни ҷумҳуриявии "Рӯзнома ва маҷаллаи беҳтарин дар соли 2025" бо мақсади таҳлили вазъи рӯзномаву маҷаллаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшаванда, интишори мавод ва тақвият бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи онҳо, ҷиҳати иҷрои банди 15 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

Ба ин муносибат ва ба пешвози Рӯзи матбуоти тоҷик месазад, ки дар мавриди маҷаллаи "Фирӯза" чанд ҳарф бигӯем, зеро мо дар остонаи 95-солагии маҷалла қарор дорем.

Шумораи якуми маҷалла соли 1932 бо номи «Бо роҳи ленинӣ» нашр шуда, баъдан он дар марҳилаҳои гуногун бо номҳои «Занони Тоҷикистони советӣ» ва «Занони Тоҷикистон» чоп мешуд. Аз соли 1990 маҷалла номи «Фирӯза»-ро гирифт. Дар давоми ин солҳо Ортиқбоева, Саида Холиқова, Хайринисо Муҳиддинова, Мавҷуда Ҳакимова, Зулфия Атоӣ, Саодат Ҳайдарӣ, Ноҳиди Фозил роҳбарии маҷалларо ба ӯҳда доштанд. Айни замон, Мавҷуда Саидзода ин масъулиятро ба дӯш дорад.

«Фирӯза» тайи 94 соли мавҷудият дар домони худ садҳо суханварро тарбия кардааст. Шуруъ аз нахустин бонувони журналист Ортиқбоева, Музаффара Рустамова, Ф. Алиева то шоирони шинохта Гулчеҳра Сулаймонӣ, Гулрухсор, Зулфия Атоӣ, Ҳадиса Курбонова, Мавҷуда Ҳакимова, Марямбонуи Фарғонӣ, Ноҳиди Фозил, олимон академик Хуршеда Отахонова, Лола Сулаймонӣ, Амина Соҳибова, журналистон Хайринисо Муҳиддинова, Матлуба Қаноат, Марям Давлатова, Ҳусния Ҳафизова, Сарвар Урозова, Ҳафиза Бобоҷонова, ва даҳҳо нафари дигар дар идораи маҷалла тарбия ёфта, устодони соҳибқалам гардидаанд.

Дар ҳама давру замон маҷаллаи "Фирӯза" минбари розу ниёз ва майдони муаррифии дастовардҳои бонувони тоҷик буд ва ҳаст. Агар имрӯз ҳар нафаре доир ба таърихи муносибатҳои гендерӣ, мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳад, ё доир ба рӯзгору осори бонувони суханвар, ихтироъкор, пажӯҳишгар ҷустуҷӯ кунад ва ё достони зиндагии занони бунёдкор, ходимони давлативу ҷамъиятӣ, бонувоне, ки дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар саҳм доранд, донистан бихоҳад, кофӣ аст, ки бастаҳои маҷаллаи "Фирӯза"-ро варақ занад. Маҷаллаи "Фирӯза" оинаи рӯзгори бонувони Тоҷикистон дар як қарни охир аст. Бино бар ин, месазад, ки 95-солагии маҷаллаи "Фирӯза" дар сатҳи шоиста таҷлил карда шавад. Ин ҷашн баҳонае хоҳад буд, барои ёдоварии кору пайкори бонувони суханвар ва онҳое, ки дастовардҳои зани тоҷикро васф мекунанд. Таҷлили ҷашни 95-солагии маҷаллаи "Фирӯза" фақат ёди таърихи пурифтихори он нест, балки ёдоварии нақши он дар фазои иттилоотии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ҳаст. Зеро имрӯзҳо ҳам маҷаллаи «Фирӯза» дар инъикоси ҳаёти бонувони кишвар нақши меҳварӣ дошта, ҳайати эҷодии он барои татбиқи сиёсати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талош мекунанд.

**О. Соҳибзода**

# РОБИАИ БАЛХӢ

## – НАХУСТИН БОНУИ ШОИР ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

**Дар асри чоруми ҳиҷрӣ, ки ба қарни даҳи милодӣ баробар аст, забону адаби порсии дарӣ рӯзгори бобаракати хешро сипарӣ мекард. Ҳамаи он баракату файз марҳуни хизматҳои фарҳангдӯстона ва адабпарварӣ ва болотар аз ҳама, истиқлолхоҳиву озодипарастии амирони Сомонӣ буд, ки бо неруи меросӣ аз ниёкони хеш дар сахову далериву аминӣ ба фарҳанги гузаштагони худ, онро дубора, пас аз "ду қарни сукут" гӯёву пӯё ва эҳё сохтанд.**

Дар ҳамин рӯзгори саодатосор дар яке аз шаҳрҳои умдаву бонуфузи қаламрави Сомониён – Балхи бостонӣ, ки сарчашмаҳои таърихӣ уммулбилод, яъне модари шаҳрҳо хондаанд, дар хонадони яке аз амирон ба номи Каъб, ки зодаи Қуздор, мавзее дар ҷануби Хуросони он замон буд, бонуе по бар арсаи ҳастӣ гузошт, ки пас аз булуғи син ва касби камол дар муҳити тавонманди хонаводагии хеш, тавонист бо нахустин чакидаҳои хомааш ақлу эҳсоси ҳамзамононро тасхир намояд.

Вале хушиҳои рӯзгори шоира дер напойида, бо марги падар, бародари ӯ – Ҳорис ҷонишини падар мешавад. Бино бар ривояте, ки Шайх Аттор дар "Илоҳинома" овардааст, Бактош ном ғуломи Ҳорис ба Робиа ошиқ мешавад. Ишқи онҳо, ки муҷиби эҷоди ашъори шоира будааст, билохира, бар сари забонҳо меафтад, ки оташи рашки бародарро афрӯхта, Робиаро дар ҳаммом бо кушодани рагҳояш ба таври даҳшатноки фоҷиавӣ ба қатл мерасонад.

Дар ин ривоят, Бактош бар интиқоми Робиа Ҳорисро мекушад ва худро низ пас аз ин ҳодиса ба ҳалокат мерасонад. Дар маснавӣ Аттор ишқи онҳоро тасаввуфӣ қаламдод карда, Робиаро ошиқи ишқи Илоҳӣ хондааст, ки аз ашъораш низ оҳангҳои суфиёнаро ҳам метавон эҳсос намуд, ки барои он давра камтар хос буд. Аз ин саргузашти афсонагуна чандин ҳақиқат ошкор мегардад, ки барои муайян кардани зиндагиномаи Робиа дорои аҳаммият аст: Нахуст, ин ки шоира ҳамзамони Рӯдакӣ ва муосир бо ҳукумати Оли Сомон мебошад; дувум, он, ки дар хонадоне ба воя расидааст, ки тавониста ба ӯ маълумот ва улуми заруриро дар шароити хонавода диҳад ва тарбияи ӯ тавре сурат гирифта, ки дар он замон ба чунин дараҷоти илмиву адабӣ расидани занон, боз аз оилаҳое дур аз пойтахт дар тасаввури мо намеғунҷад, ки инро Шиблии Нуъмонӣ "аз хасоиси замони Сомониён" дониста, ки занон баробари мардон дар умури фарҳангиву халқи ҳунар саҳмгузор бошанд; савум, он, ки Робиа аз худ ҷасорату шуҷоат нишон дода, дар ишқ варзидан ва сурудани ашъори ишқӣ дар замони ибтидои адабиёти форсӣ осоре равону табиӣ аз хеш боқӣ гузоштааст, ки имрӯз низ дилҳои ошиқонро тасхир мекунад; чорум, он аст ва маълум мешавад, ки қиссаи ишқи ӯ бо ғуломи бародараш баъд аз марги



*Робияи Балхӣ, тахайюли ҳуши маснӯӣ.*

фоҷиабори ӯ шуҳрат доштааст, ки Аттор аз он мутаассир шудааст. Ҳоло маълум нест, ки Аттор аз адабиёти шифоҳӣ онро гирифтааст, ё дар ин бора маъхазе хаттӣ доштааст. Дар ҳар сурат, мо имрӯз маълумотҳоро дар бораи ин шоира аз маъхазҳои адабӣ ва аз ашъори ӯ дар ҳудуди 55 байт ба забони форсӣ (аз ин 3 байт ба забони арабӣ)- ро дар даст дорем.

Робиа бинти Каъби Балхӣ аз нахустин шоираҳои адабии порсии дарӣ мебошад, ки бинобар ахбори сарчашмаҳо, ҳамзамони устод Рӯдакӣ ва дар воқеъ, яке аз намояндагони ин адабиёти оламгир будааст. Ҳарчанд аз ин шоираи соҳибистеъдод ашъори кам боқӣ мондааст, вале ҳамин ашъор баёнгари ҳунари

баланди шоирии Робиа буда, аз мутолиаи он дармеёбем, ки муаллифи он дорои дониши густурда ва маълумоти фаровони адабиву ҳунарӣ мебошад, ки баъзан, муҳаққиқон вуҷуди чунин осори шеърии пухтаву баланд ва аз нигоҳи сохту таркиб ва ҳунари шоирӣ бемонандро дар оғози адабиёти форсӣ аз воқеият дур мешуморанд. Дар ашъори Робиа санъатҳои бадеии ташбеҳу таҷнису тавсифу талмеҳу тазоду мувашшаҳу кинояву истиора ба чашм мерасанд.

Тавсифу ташбеҳро шоирони пеш аз ӯ истифода кардаанд, вале тавсифу ташбеҳҳои Робиа бо вуҷуди дар пайравиву татаббуъи сабки шоирони асри Х эҷод гардидан, дар онҳо тарзи ифодаву услуберо мебинем, ки ҳама тозаву нав ва содаву равон бо баёне шевову фасеҳ иншо шудаанд, ки баробари хондан дар зеҳн менишинанд ва аз ёдҳо зудуда намешаванд. Дар ин маврид, Робиа беш аз ҳама ва пеш аз дигарон ба устоди шоирони Аҷам Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пайравиву татаббуъ кардааст:

Рӯдакӣ:

*Он саҳни чаман, ки аз дами дай,*
*Гуфтӣ думи гург ё паланг аст.*
*Акнун зи баҳори монавитабъ,*
*Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст.*

Дар ашъори Робиа:

*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,*
*Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.*

Дар ашъори боқимондаи Робиа мо санъатҳои мувашшаҳ ва муламмаъро ҳам мушоҳида мекунем. Орояи бадеии муламмаъро, ки ба ду забон шеър гуфтан аст, дар адабиёти форсӣ дар ашъори боқимондаи Шаҳиди Балхӣ дучор меоем, ки шояд нахустин шоири дар ин санъат ашъор суруда ӯро бидонем, вале дар орояи бадеии мувашшаҳ фазли тақаддум дар адаби дарӣ бар Робиаи Балхӣ мебошад. Ду пораи шеърии ӯ, ки дар шакли шеърии ғазал дар асари ҷолиби “Мунису-л-аҳрор” ба ҷой мондааст, дар санъати муламмаъ эҷод шудаанд, ки ба забонҳои форсӣ ва арабӣ мебошанд. Аҷибтар он ки аз ғазали аввалини он бар замми он ки дар орояи бадеии муламмаъ сохта шудааст, ду ҷумлаи арабии “Шаҳада Аллоҳу иннаҳу ло Илоҳа илло ҳу” ва “Ло ҳавла ва ло қуввата ило биллоҳи-л-азим” ҳосил мешаванд, ки осори адабиётшиносӣ дар ин орояи адабӣ аз он пештар шеъреро зикр нанамудаанд. Дар “Тарҷумон-ул-балоға” – нахустин асари адабиётшиносии форсӣ дар мувашшаҳ аз шоири қарни XI (5 ҳиҷрӣ) Муваққарӣ намуна оварда шудааст, агар Робиаро шоираи ҳамасри Рӯдакӣ қабул намоем, эҷоди ӯ дар ин намуди санъати шеърӣ пештар аз ҳама мебошад.

Робиаи Балхиро ҳамчунин, дар сурудани ашъори дорои орояи бадеии таҷниси муздаваҷ метавон саромади шоирони форсигӯ шинохт, бо вуҷуди он ки ин санъат дар як қитъаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавҷуд аст:

*Майи лаъл пеш ору пеши ман ой,*
*Ба як даст ҷому ба як даст чанг.*
*Аз он май деҳ, ки аз акси ӯ*
*Чу ёқут гардад ба фарсанг санг.*

вале ғазали комили Духтари Каъб аз аввал то охир бо ин санъат ороста шудааст, ки матлаи он ин аст:

*Ало, эй боди шабгире пайёми ман ба дилбар бар,*
*Бигӯ он моҳи хубонро, ки ҷон бо дил баробар бар.*

Хусусияти дигаре, ки дар шеъри Робиа ба зеҳну чашми мо мерасад, истифода аз таъбирҳо ва тарзҳои ифодаи фикр, ки имрӯз дар забони зиндаи форсии тоҷикӣ роиҷ мебошанд. Истеъмоли таъбирҳои ранг гирифтан, дунё гирифтан, раҳмат бод, ранг овардан, парво-т набуд, нахӯрдӣ ғами мо, яке,- ба маънии як маротиба дар ашъори шоира моро ба андешаи он мебарад, ки ӯро аз донандагони хуби забони мардумӣ бипазирем ва мутолиаи ин байтҳо, содагиву бепироягии ашъори халқиро ба ёди мо мерасонад:

*Турк аз дарам даромад хандонак*
*Он хубрӯйи чобук меҳмонак.*

Ва қитъаи зер дуоҳои занону духтарони тоҷикро дар дубайтиҳои халқӣ ба хотири мо меоранд:

*Даъвати ман бар ту он шуд, к- Эзидат ошиқ кунод,*
*Бар яке сангиндиле номеҳрубон чун хештан.*
*То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғам хурӣ,*
*То ба ҳаҷр андар бупечию бидонӣ қадри ман.*

Дар охир меохоҳам доир ба зиндагинома ва теъдоди абёти боқимондаи ин нахустшоираи адаби форсӣ ду нуктаро ислоҳ намоям, ки дар адабиёти илмии Тоҷикистон роҳ ёфтааст ва он ин аст, ки муаллифи “Тавзеҳот”– и “Алмуъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ падари Робиаро аслан, араб ва раиси қабилаи Қуздори шаҳри Балх дониста, теъдоди ашъори боқимондаи ӯро бидуни овардани далелу санад ҳаштод байт навиштааст, ки иштибоҳи маҳз мебошанд (Шамси Қайси Розӣ. “Алмӯъҷам”. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. Душанбе, Адиб, 1991, саҳ. 411). Мутаассифона, ҳамин иштибоҳҳо дар ЭАСТ (Душанбе, –2004, ҷилди 3, саҳ 61) роҳ ёфтаанд, ки ислоҳашонро ногузир медонем, зеро ҳамаи маъхазҳои адабии то имрӯз дастрас 55 байт ашъори шоираро қайду забт кардаанд, ки нашрҳои муосири ашъори шоира онҳоро ба тамомӣ фаро гирифтаанд. Дар мавриди номи ҷой ва зодгоҳи падари Робиа Қуздор аксари маъхазҳои адабӣ («Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Риёз-уш-шуаро») ва дигар муҳаққиқон иттифоқи назар доранд ва аз шаҳрҳои маълуми замони Сомониён будани Қуздор ин байти Наҷибии Фарғонӣ (асри XI) гувоҳӣ медиҳад:

*Ҳар чи ба олам дағову масхара будаст,*
*Аз ҳади Фарғона то ба Ғазниву Қуздор.*

**Шамсиддин Муҳаммадӣ**
*муовини директори Институти*
*забон ва адабиёти ба номи*
*Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ*

# РАҲНАВАРДЕ ДАР ОЛАМИ ИЛМ

**Нақш ва мақоми омӯзгор дар ҳама давру замон бо афрӯхтани илму дониш барҷаста ва мондагор аст. Агар дар зиндагӣ дастоварде моро муяссар гардида бошад, он бевосита маҳсули заҳмату шабзиндадориҳои омӯзгор ба шумор меравад. Аз ин рӯ, моро месазад, то заҳмати омӯзгоронро ҳамеша қадр намоем, зеро онҳо чун волидайн барои мо ранҷ мекашанд.**



*Адолат Муҳаммадҷамолзода*

Шукргузор аз онам, ки дар пайроҳаи кору рӯзгор бо инсонҳои нексиришту покниҳод рӯ ба рӯ гардида, роҳи хешро дар олами бекаронаи зиндагӣ дарёфтам.

Адолат Муҳаммадҷамолзодаро чун омӯзгори соҳибхирад ва дурандеш шинохтам. Ӯ соҳиби қалбу замири пок буда, нисбат ба зиндагӣ назари тоза ва нек дорад, чун олими ҷавон бо тахайюлоти рангин дар пайроҳаи илму ирфон қадамҳои устувор гузошта, сафҳаи кору рӯзгораш пур аз дастоварду муваффақият мебошад.

Падару модари Адолат аз ҷумлаи шахсиятҳои донишманду фарзона ба шумор рафта, мекӯшиданд, ки фарзандонашон соҳибмаълумот гарданд, роҳи хешро дар зиндагӣ пайдо намуда, ба халқу ватан хидмати содиқона бинмоянд. Аз ин рӯ, амаки Муҳаммадҷамол ва ҳамсари меҳрубонаш Мавҷуда фарзандонро шоиставу фарҳахта тарбия намуда, меҳру муҳаббати ватандориро дар қалби онҳо бедор менамуданд.

Панду андарзи раҳнамунсози волидони некзамир боис шуд, ки панҷ фарзанд бо дониши пероста, хиради воло роҳи хешро дар зиндагӣ пайдо намуда, ҳар яке шахсиятҳои арзандаи ватан гардиданд.

Ӯ аз овони кӯдакӣ миёни фарзандони падар бо гуфтору рафтори хеш фарқ менамуд, бо китобу қалам таваҷҷуҳи беандоза дошт, ҳамвора машғули мутолиа гардида, ҳушёру зирак буд. Дар баробари ашъори шоирони классик ва адабиёти муосирро аз худ намудан дар қалби покаш муҳаббати шеър навиштанро эҳсос менамуд.

Адолат Муҳаммадҷамолзода 19-уми октябри соли 1986 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон дар оилаи зиёӣ, иқтисоддон ба дунё омада, соли 2004 Литсейи рақами 1-и шаҳри Бохтарро хатм менамояд.

Соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, ин даргоҳи илму донишро соли 2011 бо ихтисоси филолог-рӯзноманигор хатм намудааст.

Ӯ фаъолияти меҳнатии худро аз Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода оғоз намуда, солҳои 2016-2022 дар ин боргоҳи илм фаъолият менамояд.

Соли 2023 дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии истилоҳоти рақс дар забонҳои англисӣ-тоҷикӣ: ҷиҳатҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохторӣ" зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, Олимҷон Маҳмадҷонов рисолаи номзадии худро муваффақона дифоъ намудааст.

Адолат Муҳаммадҷамолзода 6 маводи методӣ-таълимӣ бо забони англисӣ таҳияву чоп намудааст, ки онҳо барои ихтисосҳои соҳаи санъат ва фарҳанг муҳим ба шумор мераванд.

Ин ҷавони донишманд аз соли 2023 то ба имрӯз ҳамчун устоди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино фаъолият дорад. Дар ин давра, ҳамчун номзади илмҳои филологӣ 4 дастури таълимӣ барои ихтисосҳои забони англисӣ аз рӯйи ихтисосҳои “Стоматология”, “Педиатрия”' ва “Форматсевт” таҳия карда, муаллифи 1 монография ва 30 мақолаи илмӣ мебошад.

Адолат Муҳаммадҷамолзода аз ин ҳама комёбиҳо қаноатманд нагардида, мекӯшад ҳарчӣ бештар омӯзад, дар ҷодаи хидмат ба халқу Ватан бо азму иродаи қавӣ қадам ниҳода, шогирдонро дар руҳияи ватандориву меҳанпарастӣ тарбия намояд.

**А. Акбар**

# СОҲИБФАЗИЛАТ

**Инсонҳое, ки қалбу замири пок доранд, ҳам дар набарди бекаронаи рӯзгор ва ҳам дар ҷодаи хидмат ба халқу ватан муваффақ гашта, бо хулқу атвори шоистаи хеш дар дилу дидаи мардумон азиз мегарданд. Мавлудахон Мирзозода Зайнӣ аз зумраи чунин занони хуштолеи диёр ба шумор рафта, файзу нусрати зиндагиро аз дасти дуои модар дарёфта, бо донишу омӯзиши пайвастаи хеш ба кӯйи мурoду мақсуд расид.**



*Мавлудахон Мирзозода*

Мавлудахон аз модар дар мавриди зиндагиномаи падари равоншодаш қиссаҳои ибратомӯз зиёд шунида, онро имрӯз дар кор чун қутбнамои ҳаёт ва панду андарзи бузургонро дар рӯзгор ба кор бурда, кӯшиш мекунад, ки бо амали неки хеш номбардори волидон ва аҷдоди некноми хеш гардад.

Ӯ аз хурдӣ қалби орзупарвар дошт, ҳамеша адолатҷӯ ва ҳақиқатпараст буд. Вақте модар ва аҷдодони некномаш аз ӯ дар оянда кӣ шуданро мепурсиданд, бо лаҳни ширини кӯдакӣ посух медод: “Ман ҳуқуқшинос мешавам!”.

Бо ҳамин орзу ва ниятҳои нек, пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 54-и Ҷамоати Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, соли 1996 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2001 онро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм менамояд. Фаъолияти меҳнатии ӯ аз вазифаи котиби маҷлиси Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз ёфт...

Бо назардошти дониш, фарҳанг ва маҳорати баланди касбӣ соли 2005 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаби судяи Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таъин гардида, марҳила ба марҳила бо афзудани таҷриба дар ин ҷода, ҳамчунин, бо нишон додани интизоми намунавӣ дар мақомоти ҳокимияти судӣ соли 2011 судяи Суди вилояти Суғд таъин гардида, дар ин масъулият то соли 2017 фаъолият менамояд.

Чун зани донишманд ва ҳуқуқшиноси варзида соли 2017 аз ҷониби ҲХДТ ба маснади вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ гашта, то соли 2020 дар ин мақоми олии қонунгузор фаъолият менамояд, ҳамчун номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини Раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи қонунҳо ва санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ саҳми сазовори хешро мегузорад.

Мавлудахон Мирзозода соли 2025 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, то инҷониб, дар ин мақоми баланд фаъолияти босамар дорад. Ӯ ҳамчун инсони нексиришт соҳиби оилаи соҳибфазилат буда, модари ду фарзанди хушбахт мебошад.

Ин бонуи соҳибфазилат дастовардҳои худ ва бонувони кишварро самараи ғамхорӣ ва дастгириҳои ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуморида, ифтихор дорад, ки чун як зани хушбахти кишвар дар таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандон саҳмгузор аст.

“Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки таҳкими фаъолияти занон дар меҳвари таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои муаззами миллат қарор дорад ва дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд, ки обрӯву манзалати бонувонро боз ҳам баландтар мекунад. Имрӯз дар мақомоти ҳокимияти судӣ занон фаъолияти назаррас дошта, саҳми хешро дар таҳкими адолати судӣ ва дар татбиқи амалии санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ мегузоранд”, – мегӯяд Мавлудахон Мирзозода.

**А. Аскарзода**

# ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ!



*Омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*





*Акс аз коллексияи Хуршеди Саттор*



Акс аз коллексияи Хуршеди Саттор

# РИСОЛАТИ ОДАМИЯТ

**Зиндагинома ва фаъолияти афроде, ки дар арсаи меҳнат устуворона қадам мениҳанд ва бо қавлу нияти пок аз рӯи виҷдон амал менамоянд, байни мардум маълуму машҳуранд. Роҳи тайкардаи онҳо, кору пайкор, рафтору амали некбинона ва ҳақбинонаи чунин ашхос баҳри ободии Ватан намунаи ибрат мебошад. Аз ҷумлаи чунин ашхос Кароматт Қосимова мебошад, ки дар арсаи ҳаёт бо меҳнати сазовор мақому манзилати худро ёфтааст.**



*Кароматт Қосимова*

Кароматт Қосимова 12-уми декабри соли 1958 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Ӯ Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №24-и зодгоҳашро соли 1975 хатм ва барои идомаи таҳсил ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (Хуҷанд) дохил мешавад. Соли 1981 ин боргоҳи маърифатро бо ихтисоси омӯзгори фанни математика хатм менамояд. Фаъолияти меҳнатии худро Кароматт Қосимова дар фабрикаи "Меҳнати хонагӣ"-и шаҳри Хуҷанд оғоз ва дар Иттиҳодияҳои истеҳсолии "Қолинҳои Қайроққум", баъдан, дар соҳаи маориф ба ҳайси омӯзгор, мудири қисми илмӣ идома додааст. Соли 1993 ӯро мудири Шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қайроққум (ҳозира Гулистон) таъин менамоянд. То соли 2002 дар ин вазифа фаъолият намуда, баъдан, мудири Шуъбаи маориф таъин мегардад. Масъулиятшиносӣ, ташкилотчигӣ ва маҳорати баланди корбарии Кароматт Қосимоваро ба назар гирифта, ӯро соли 2007 муовини раиси шаҳри Қайроққум оид ба иҷтимоиёту тарғибот таъин менамоянд ва дар ин мансаб Кароматт Қосимова 8 сол кор мекунад. Солҳои 2015-2017 раиси Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҲХДТ-ро ба зимма дошт.

Кароматт Қосимова ду даъват ба вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Гулистон интихоб гардида, бо неруи ақлонии хеш дар ҳалли масоили интихобкунандагон кӯшиш ба харҷ медод.

Аз соли 2018 инҷониб, сарварии Шурои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Гулистонро бар дӯш дорад.

Зимни суҳбат бо ин бонуи барнодил, аз ӯ пурсидем, ки ба фикри шумо барои хушбахтии оила кадом омилҳо заруранд?

- Пеш аз ҳама, дар оила муҳаббати пок, иззату эҳтироми якдигар, ҳамдигарфаҳмӣ, тарбияи неки фарзандон муҳим ва шарт аст. Сарнавишту хушбахтии оилавиро худи меъморони оила – зану шавҳар тарҳрезӣ мекунанд, - посух дод ӯ.

Кароматт Қосимова ва Исмоилҷон Мамадҷонови табиб, соҳиби се фарзанди дӯстрӯ – Парвина, Таҳмина ва Суҳроб ҳастанд. Ҷигарбандон пайи волидайн рафта, дорои маълумоти олианд. Даҳ набера атрофи бобою бибӣ парвонаанд. Меҳнати пурсамари Кароматт Қосимова бо нишонҳои сарисинагии "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Аълочии ифтихории соҳаи маориф", медали "Хизмати шоиста" (2021), Шаҳрванди фахрӣ ва якчанд сипосномаю ифтихорномаҳо қадршиносӣ шудааст.

Имрӯзҳо Кароматт Қосимоваро гоҳ дар ҷаласаҳо, гоҳе дар иҳотаи собиқадорон, гоҳе дар ҳалқаи шогирдону собиқ ҳамкорон ва вақтҳои холӣ ё пас аз кор бо фарзандону наберагон, ҳамсояҳо мебинам. Ин фарди барӯманд аз ҳаёти шахсии хеш қаноатманд аст. Сарбаландона то ҳол хизмат ба халқу Ватанро пешаи ҳамешагиаш медонад. Ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки гуфтааст:

*Ҳар ки бо меҳру вафо бар халқ хизмат мекунад,*
*Номи худро сархати девони миллат мекунад.*

**Рустамҷон Одизода**
*узви Иттифоқи*
*журналистони Тоҷикистон*

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

**Омӯзгор раҳнамо, шарафу виҷдони ҷомеа, мураббии наслҳои оянда аст. Пешрафти ҷомеа ва давлат аз донишу садоқати омӯзгор вобаста мебошад. Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақоми омӯзгор” шаъну шарафи омӯзгор таҳти кафолат ва муҳофизати қонун қарор дорад.**

Омӯзгорро оинаи ҷомеа мегӯянд, оинае, ки ба он нигариста камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне омӯзгор шахси ибратомӯзест, ки ҳар калому ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрати аҳли ҷомеа аст, ки бо нури саводу маърифат ва илму дониш ҳаёти мардумро равшан месозад, хурофоту ҷаҳолатро аз ҷомеа берун мекунад ва созандагону ободгарони ояндаи ватанро ба камол мерасонад.

Ин аст, ки 21-июли соли 2025 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақоми омӯзгор”- ро барои баррасӣ ба маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ин санади муҳимми ҳуқуқӣ дар асоси моддаи 58-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба ҳифзи ҳуқуқ, таъминоти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа равона шудааст.

Боиси ифтихору фараҳмандии мо омӯзгорон аст, ки санаи 15-уми октябри соли 2025 Қонуни мазкур қабул гардид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақоми омӯзгор“ арҷгузорӣ ба заҳмати омӯзгор ва нишони эҳтироми давлат ба омӯзгор равшангари роҳи маърифат аст.

Қонун аз 6 боб ва 16 модда иборат буда, уҳдадориҳои омӯзгорон, омодакунӣ, такмили ихтисос, атестатсия ва кафолатҳои иҷтимоии мо омӯзгоронро фаро мегирад.

Он аз нуҳ принсипи асосӣ иборат аст, ки онҳо зинаи нави муносибатро миёни давлат ва омӯзгор муайян мекунад. Аз ҷумла: қонуният; инсондӯстӣ; ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати омӯзгор, баланд бардоштани донишу маҳорати касбӣ, таъминоти иҷтимоии омӯзгор; ҳамкорӣ бо падару модар ва раванди таълиму тарбия; дахолат накардан ба фаъолияти касбӣ; манъи ҷалби омӯзгор ба корҳои ғайритаълимӣ; манъи санҷишҳои ғайрисоҳавӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгор ин принсипҳо ба ҳадафи асосӣ боло бурдани эътибори омӯзгор ва фароҳам овардани муҳити ором барои фаъолияти омӯзгорон нигаронида шудаанд.

Тибқи боби 3 ва моддаи 8-и қонун ҳуқуқу манфиатҳои омӯзгор зери ҳимояи давлат қарор доранд. Ҷалб кардани омӯзгор ба кору намудҳои фаъолияте, ки ба раванди таълиму тарбия алоқаманд нест, манъ аст.

Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти ибтидоӣ миёнаи касбӣ ва назорати соҳаи маориф ва илм мавриди санҷишу назорат қарор дода мешавад.



*Насиба Сафарова*

Яъне тибқи ин қонун шаъну шарафи омӯзгор дахлнопазир буда, эҳтироми омӯзгор на танҳо аз ҷониби давлат, балки аз ҷониби ҷомеа низ таъмин мегардад. Ҳар гуна амале, ки боиси паст задани обрӯи омӯзгор гардад манъ шудааст. Ин меъёр нишон медиҳад, ки омӯзгор бояд зери ҳимояи қонун ва афкори ҷамъият бошад.

Қонун ба мо омӯзгорон як қатори ҳуқуқҳои муҳим медиҳад, аз ҷумла:

- Талаб кардани шароитӣ зарурӣ борои таълим;
- Интихоби усул ва шаклҳои таълим тибқи стандартҳои давлатӣ;
- Иштирок дар таҳияи барномаҳо ва китобҳои дарсӣ.
- Истифодаи технологияҳои нав ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ баҳодиҳии воқеъбинона;
- Гузаштан аз атестатсияи ғайри накшавӣ;
- Таъғйир додани хизмати ҳарбии муҳлатнок дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ;
- Ҳавасмандгардонӣ барои ихтироъ ва навовариҳои эҷодӣ.

Ин ҳуқуқҳо ба мо омӯзгорон имконият медиҳад, ки бо озодӣ ва эътимод фаъолият намуда, нақши худро дар рушди донишу маърифат ва таҳкими неруи зеҳнии насли нав сарбаландона гузарем. Мо бо як боварӣ ва дили пур гуфта метавонем, ки бо қабули ин қонун давлати Тоҷикистон як қадами муҳим ба сӯйи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мо омӯзгорон ва устувор намудани мавқеи мактабу маориф мегузорад.

# АВВАЛИН БИНОКОРЗАНИ ТОҶИК

**Дар масири таърих занони далеру шуҷоъ ва донову оқила дар радифи мардон дар саҳнаи илму ҳунар ва фарҳангу адаб, дар майдони разм ва арсаи сиёсат ҳунарнамоӣ намуда, дар ҷомеа сазовори эътирофу эҳтиром ва мақому манзалати баланду шоиста гардидаанд. Занон ҳамчун, сарвару роҳбар дар пешбурди ҳаёти навин, ободию шукуфоии Тоҷикистони азизамон саҳми беандоза доранд. Яке аз чунин шахсон ходими намоёни давлатӣ, аввалин бинокорзани тоҷик Тоҳирова Ҳамро Зоировна (1912-1990) мебошад.**



*Ҳамро Тоҳирова*

## ДАР МАСИРИ ЗИНДАГӢ

Тоҳирова Ҳамро Зоировна 22-юми августи соли 1912 дар деҳаи Ашти ноҳияи Ашти вилояти Суғд дар оилаи коргар чашм ба дунё кушод. Вай фаъолияти меҳнатиашро соли 1935 баъди хатми Донишкадаи давлати Осиёи Миёна оғоз намуд. Ӯ аввалин зани бинокори Тоҷикистон гардида, солҳои 1936-1940 саркор, сардори участкаи сохтмон ва муҳандиси шуъбаи сохтмони асосии Кумитаи давлатии сохтмону назорати Шурои Комиссарони Халқи ҶШС Тоҷикистон шуда кор кардааст. Дар ин давра, як қатор биноҳои Маҷлиси Олии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, мактабҳои миёна ва маҳаллаҳои истиқоматӣ бо иштирок ва роҳбарии ӯ сохта шуданд. Вай иштикоркунандаи Анҷумани умумиттифоқии меъморон, муаллифи як қатор лоиҳаҳои бинову иншоотҳо буд.

1-уми марти соли 1936 Маҷлиси машваратии бинокорон дар шаҳри Душанбе барпо гардид. Ҳамро Тоҳирова узви Иттифоқи меъморони Тоҷикистон гардид. Дар он Ҳамро Тоҳирова низ ширкат дошт. Дар ҳамон Маҷлиси машваратӣ рӯзи Иттифоқи меъморони Тоҷикистон таъсис дода шуда, аввалин конференсияи ҷумҳуриявии меъморон барпо гардид. Ба раёсати конференсия меъморон С.В. Кутин, П.Р. Сироткин Тоҳирова Ҳ. интихоб шуданд.

## БУНЁДГАРИ ТЕАТРИ ОПЕРА ВА БАЛЕТ

Тоҳирова Ҳамро Зоировна аз соли 1940 то соли 1954 дар вазифаҳои масъули давлатӣ, аз ҷумла, дар Шурои Комиссарони халқии ҷумҳурӣ ва Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон фаъолият намуд. Дар вазифаҳои мудири шуъбаи кор бо занони Комитети Марказӣ, мудири шуъбаи кор бо саноат ва нақлиёти Комитети Марказӣ, Котиби Комитети марказии Шурои Олии Тоҷикистон, Вазири сохтмони шаҳру деҳот (1954 -1957), Вазири сохтмон (1957-1961), Вазири масолеҳи бинокорӣ ва саноат (1963-1968), раиси Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ (1968-1974) фаъолият намудааст.

Вай мутахассиси соҳаи сохтмон буда, дар тараққиёти ҷумҳуриамон саҳми калон гузоштааст. Ҳамро Тоҳирова дар бунёди Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ иштирок кардааст. Бунёди иншооти мазкур дар ҳамон солҳо барои Тоҷикистон воқеаи дорои аҳаммияти бузург буд. Маркази бузурги фарҳангӣ дар меҳвари хиёбони ҷумҳуриявӣ ба номи академик Раҷабовҳо бунёд гардид. Ҳамро Тоҳирова – ягона бинокорзани тоҷик ба вазифаи коргузори иншооти мазкур таъин гардид. Соли 1954 Тоҳирова Ҳамро Зоировна Вазири сохтмони кишвар интихоб гашта, дар давоми ҳафт соли зери роҳбарии ӯ биноҳои Донишгоҳи аграрӣ, чойхонаи «Роҳат", бинои Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон, неругоҳҳои барқи обии Қайроққум, Норак ва биноҳои асосии истгоҳи Роҳи оҳан ва фурудгоҳ бунёд шуда, ҳамчунин, беш аз як миллион аҳолии ҷумҳурӣ соҳиби манзилҳои нави истиқоматӣ шуданд. Ҳамро Тоҳирова аз соли 1937 аъзои Иттифоқи меъморони Иттиҳоди Шуравӣ буд.

## САДОИ ЗАНИ ШАРҚ

Ҳамро Тоҳирова дар ҳаёти ҷамъияти фаъолона иштирок мекард, чандин маротиба депутати Шурои Олии ҷумҳурӣ, депутати Иттиҳоди Шуравӣ ва аъзои Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон, узви Кумитаи занони мамлакат ва аъзои Кумитаи занони ҷамоҳири Иттиҳоди Шуравӣ интихоб гаштааст. Қалби ӯ аз меҳри бепоён, ҳисси некбиниву саховатмандӣ саршор буд. Мавқеи устувори ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинии васеи ӯ обрӯю эътиборашро баланд мекарданд.



Ҳамро Тоҳирова нахустин зани тоҷик аст, ки соли 1947 дар ҳайати вакилони Иттиҳоди Шуравӣ ба Ҳиндустон сафар намуда, дар конференсияи мамлакатҳои Осиё ва Африко иштирок намудааст. Дар конференсия зиёда аз 30 ҳазор нафар намояндагони ду қитъаи олам иштирок доштанд. Ӯ дар ин ҷамъомади калон "Дар бораи ҳуқуқ ва нақши занони Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷамъият" баромад карда буд. Ӯ дар сафари аввалини худ ба бисёр шаҳрҳои Ҳиндустон, аз он ҷумла, Калкатта, Деҳлӣ, Мадрис, Ҳайдаробод ва ғайраҳо рафта доир ба ҳуқуқи занони Шарқи озод баромадҳо карда буд.

Ҳамро Тоҳирова зиёда аз даҳ сол раиси Кумита оид ба ташкили конференсияи занони Осиё ва Африқо интихоб шудааст. Инчунин, ӯ соли 1960 чун роҳбари ҳайати намояндагони занони шуравӣ ба Ҷумҳурии Мисри Араб сафар намуда, барои бо муваффақият гузаштани ин конференсия хизмати зиёде кардааст. Ҳамро Тоҳирова солҳои тулонӣ ба фаъолзанони намоёни ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Индира Гандӣ, Ашока Гупта, Эжени Коттон, Жанни Мартен, Нина Попова бо дигарон мукотибаи доимии дӯстиву корӣ дошт. Ӯ бо афроди шарифу барӯманди тоҷик мисли Ширишноҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров, Турсун Улҷабоев, Назаршо Додхудоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Низорамоҳ Зарипова, Тоҷинисо Азизова, Ибодат Раҳимова ва дигарон ҳамроҳ кор кардааст.

## УФУҚҲОИ ДӮСТӢ

Фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятии Ҳамроҳ Тоҳирова басо рангину мунаққаш мебошад. Ӯ на танҳо бинокори моҳиру кордон, балки шахси ҳалиму хоксор, бо пиру барно баробар, хушгапу хушмуомила, маслиҳатгари ҷавонон, модари мушфиқ низ буд. Сарнавишти ин инсони накуном чи барои насли имрӯз ва чи барои насли фардо дарси ибрат ва сазовори пайравист.

Тоҳирова Ҳамро Зоировна солҳои 1968 –1974 дар вазифаи раиси Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ифои вазифа карда, дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ саҳми калон гузошт.

Ҷамъияти дӯстӣ зери роҳбарии Ҳамроҳ Тоҳирова бо ҳайати на чандон калон корҳои хеле зиёдеро ба ҷо расонданд. Аъзоёни ин ҷамъият ба гӯшаву канори дуру наздики ҷумҳурӣ ва мамолики бурунмарзӣ ба ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сафарҳои расмӣ карда ҳамкории байни кишварҳоро таҳким мебахшиданд. Дар давраи роҳбарии Ҳамроҳ Тоҳирова Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон бо 63 давлатҳои ҷаҳон робитаҳои дустиву фарҳангӣ дошта, ба ҳайати он 150 ташкилоти маданию фарҳангӣ шомил буданд.

## ҚАДРШИНОСӢ

Тоҳирова Ҳамро Зоировна соли 1974 ба нафақа баромада, вай фаъолияти ҷамъиятиашро дар Иттифоқи меъморони Тоҷикистон қатъ накарда, дар ҳамаи анҷуманҳо, пленумҳо ва машваратҳои меъморони ҷумҳурӣ ва ИҶШС иштирок менамуд. Ҳамин тавр, Ҳамроҳ Тоҳиров дар меъморӣ ва сохтани Тоҷикистон саҳми калон гузоштааст.

Беҳуда нест, ки мамлакат хизматҳои шоёни Ҳамро Тоҳироваро ба назар гирифта, ӯро бо мукофотҳои олӣ сарфароз намудааст, ки аз ҷумла, бо 3 карат ордени «Нишони фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941–1945», дорандаи 5 ордени «Байрақи Сурхи меҳнат», медалҳои "Барои меҳнати шуҷоатнок", Бинокори хизматнишондодаи Тоҷикистон, Ифтихорномаҳои Президиуми Шурои Олӣ, Кумитаи занҳои Иттиҳоди Шӯравӣ қадрдонӣ шудааст.

Хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, мисли фурӯтанӣ, ҳимматбаландӣ, ҷасорат, ростқавлӣ, дурандешӣ асоси комёбиҳои фаъолияти фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Ҳамроҳ Тоҳирова Зоировна буд. Халқи тоҷик имрӯз ҳам бо корнамоӣ ва ҷоннисориҳои ӯ ифтихор намуда, номи ин бинокорзани тоҷикро бо некӣ ёд мекунад. Месазад, ки ба хотири зинда гардонидани номи неки Ҳамро Тоҳирова Зоировна лоақал хиёбоне, кучае, ё мактабе дар шаҳри Душанбе ба номи ӯ номгузорӣ карда шавад.

**Бахтовар Темирзода**

*муаррих*

# АВҶИ ЗУҲАЛ

**Абуалӣ ибни Сино (номи пуррааш Абуалӣ Ҳусейн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино) (980-1037) яке аз бузургтарин донишмандону пизишкони садаҳои миёна дар ҷаҳон, файласуф, кимиёдон, мантиқдон, физик, риёзидон, равоншинос, мусиқишинос ва муаллими бузурги тоҷик аст.**



**Абубакр Кабиров**
*н.и.ф.-м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ*

Абуалӣ ибни Сино дар деҳаи Афшанаи шаҳри Бухоро дар оилаи тоҷик ба дунё омадааст. Падари ӯ Абдуллоҳ олими исмоилии баобрӯе аз Балх буда, дар дарбори подшоҳ хизмат мекард. Аз ин рӯ, писарашро дар мактабҳои беҳтарини Бухоро хонондааст. Абуалии наврас ҳофизаи қавӣ ва ақлу тамизи олӣ дошт, ки дар синни чаҳордаҳсолагӣ тавонистааст аз муаллимони худ гузар кунад. Дар тарҷумаи ҳоли худ оварда, ки дар ҳаждаҳсолагӣ дигар барояш ҳеҷ чизе намонда буд, то биомӯзад.

Абуалӣ ибни Сино парвардаи муҳити фарҳангии Сомониён буд. Вале қисми зиёди умри ӯ пас аз фурӯпошии давлати мутамаркази Сомониён, дар гирдоби ҳодисаҳои мудҳиши нимаи аввали асри XI сипарӣ гардид. Ӯ гоҳ чун табибу файласуф, баъзан, ба сифати фақеҳу вазир, ҳатто, замоне чун маҳбуси зиндонӣ умр ба сар бурда, гоҳе чун надими хоси подшоҳону маликон низ рӯзгор паси сар кардааст. Аммо ӯ лаҳзае аз омӯзиш ғафлат наварзида, аз пажӯҳиш ва корҳои илмӣ фориғ набудааст.

Осори Абуалӣ ибни Сино ниҳоят зиёд аст. Аз рӯйи таҳқиқ ва ҳисоби донишманди машҳури эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966) миқдори асарҳои Абуалӣ ибни Сино, ки алҳол маълум шудааст, ба 456 мерасад. Дар китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии олам 162 асари ӯ нигоҳ дошта мешавад. Аз ҷумла, 23 асараш бо забони модариаш, яъне тоҷикӣ эҷод шудааст. Асарҳои Абуалӣ ибни Сино аз ҷиҳати ҳаҷм хеле гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои бисёрҷилда иборат мебошанд. Масалан, «Алҳосил ва-л-маҳсул» дар 20 ҷилд, «Китобушшифо» дар 18 ҷилд, «Лисонул-араб» дар 10 ҷилд, «Ал-Қонун» (1000-1020) дар 5 китоб, «Наҷот» дар -3- ҷилд эҷод шудаанд. Мутаассифона, асари «Китобулинсоф», ки аз 20 ҷилд иборат буд, аз байн рафтааст. Кулли ин осор, ки зикрашон рафт, дар инкишоф ва такомули улуми мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун ба арзиши бузурги таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ моликанд. Бояд гуфт, ки асарҳои мавҷудаи Абуалӣ ибни Сино, ки дар Ғарб бо номи Авитсенна машҳур аст, дар донишгоҳҳои Аврупо то садаи XIX ҳамчун китобҳои дарсӣ таълим дода мешуданд.

Бисёре аз асарҳои Абуалӣ ибни Сино танҳо роҷеъ ба як соҳа ихтисос наёфта, балки чандин илмро фаро мегиранд.

Тамоми асарҳои ӯро метавон ба 4 гурӯҳ ҷудо намуд:

- асарҳо доир ба ҳикмат, фалсафа, ахлоқ ва мантиқ;
- асарҳо оид ба тиб;
- асарҳо доир ба илмҳои дақиқ;
- асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат.

Масалан, яке аз асарҳои бо забони тоҷикӣ навиштаи ӯ «Донишнома» («Донишномаи Алоӣ») мебошад, ки аз бобҳои мантиқ, илоҳиёт, табииёт, ҳайат ва мусиқӣ таркиб ёфтааст.

Ӯ дар асараш «Китоб-уш-шифо» асари донишманди Юнони Қадим К. Птолемей «Алмаҷастӣ» (150–160)-ро мавриди таҳлил қарор дода, бо мақсади саҳеҳӣ ба он 10 иловаи геометриро оид ба параллакс пешниҳод намуда, дар фасли арифметикии ин китоб қоидаҳои ба квадрат ва куб бардоштанро нишон додааст. Дар фасли фалсафаи китоби мазкур асари «Ибтидо»-и Евклидро шарҳ дода, ба миқдори дискретӣ ва бузургиҳои бефосила, нуқта, хат, сатҳ ва ҷисм таъриф додааст. Ин асарҳо то имрӯз аҳаммияти илмии хешро ҳифз кардаанд.

Абуалӣ ибни Сино бо осори мондагораш ифтихори миллати тоҷик аст. Мо тоҷикон байни дигар миллатҳо бо чунин нобиғагони соҳибфазилати хеш ифтихор дорем.

# ЗАҲМАТПИСАНДӢ
# ӮРО КОМЁБ КАРД

*Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ,*
*Ки мусоҳиб бувад, гаҳу бегоҳ.*

Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар ҳаёти сокинони Тоҷикистони озод аз ҷумла кӯдакону наврасон як рӯйдоди камназири таърихӣ аст. Дар давоми ҳафт соли гузашта садҳо нафар дар ин озмуни ибратбахшу омӯзанда иштирок карда, донишу маҳорати эҷодии худро санҷидаанд.

Хонандаи синфи 11-уми МТМУ №88- и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Марям Наимова яке аз он наврасони хушиқбол аст, ки дар ин сабқати фазлу адаб ширкат дошт. Хушбахтонаро, ӯ дар қатори ғолибони номинатсияи хондан ва азбар кардани осори шоирон ва адибони адабиёти классикии дарии тоҷикӣ ҷой гирифт.

Даврони сахтгиру пурдон овози форам дониши пухтаю пурра ва ҷаҳонбинии васеъи ӯро қадр карданд. Мо бо ин навсафари дунёи илму адаб сӯҳбате доштем.

Ҳоло фушурдаи он сӯҳбатро пешниҳоди Шумо мекунем.

**- Нахуст, аз номи хонандагони маҷаллаи "Фирӯза" шуморо ба ин рӯзи пирӯзи табрик мегӯем.**

- Ташаккур!

**- Лутфан бигӯед, ки соли чандум аст, ки дар ин озмун ширкат мекунед?**

- Соли сеюм аст, ки неруи ақл ва зеҳнамро месанҷам. Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" барои мо мактаббачагон як мактаби бузурги омӯзиш гашт. Мо дар





чаҳор даври баргузоршавии он дар пеши устодони худ имтиҳон месупорем. Ва ин санҷишҳо моро обутоб медиҳад.

**- Шумо ба даври чоруми озмун бо чӣ армуғон омадед?**

- Мувофиқи талаботи Низомномаи озмун зиёда аз 120 ғазал, 130 рубоӣ, 300 байт қасида, 150 байт достон ва дигар шаклҳои шеърӣ аз қабили мустозад, мураббаъ, тарҷеъбанд, таркиббанд азбар кардам. Сӣ асари насрии адибони гузаштаро хондам.

**- Ашъори кадом шоир бештар бароятон писанд омад?**

- Ҳамаи шоирону адабиёти классикии тоҷикии дарӣ бузурганд. Ман ҳамчун набераи онҳо асари ҳамаашонро дӯст медорам. Миллати тоҷик хушбахт аст, ки чунин адабиёти оламшумул дорад, ки дар он ғояҳои олии инсондӯстӣ тарғиб шудааст. Ба ин шоҳбайтҳо таваҷҷуҳ кунед:

*Ба пирӣ хидмати модар падар кун,*
*Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.*

***

*Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,*
*Аз адаб маъсуму пок омад малак.*

***– Орзуи шумо ба ҳамсолонатон чист?***

– Ман бисёр мехоҳам, ки онҳо илмталаб, хушахлоқ ва китобдӯст бошанд.

Дар озмунҳо фаъолона иштирок кунанд. Ба китоб аҳди дӯстӣ банданд, зеро беҳтарин ёри вафодор китоб аст, китоб.

**- Барои суҳбат ташаккур!**

*Суҳбаторо*
**Убайдулло Акрамзод**

# ХАТАРИ УМУМИБАШАРӢ

**Мубориза бар ифротгароӣ (экстремизм) яке аз мушкилоти авлавиятноки ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, зуҳури гароишҳои ифротгароӣ тадриҷан ба таҳдиди аслӣ ба амнияти Тоҷикистон табдил меёбад. Бино бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муқовимат бар ин зуҳуроти номатлуб дар мадди назари ҳукумати кишвар қарор дорад.**



Мафҳуми «экстремизм» дар санадҳои гуногуни ҳуқуқии ҷумҳурӣ муайян шудааст. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» ифротгароӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ зуҳури шаклҳои шадиди амалҳое мебошад, ки ба ноором кардани субот, тағйир додани сохти конститутсионии кишвар, ғасби ҳокимият ва тасарруфи ваколатҳои он, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват мекунанд.

Бояд гуфт, ки таърифи истилоҳи «ифротгароӣ» дар адабиёти илмӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ яксон нест. Дар луғати сиёсӣ омадааст, ки ифротгароӣ (аз лотинии extremus - ифротӣ) пойбандӣ ба ақидаҳо ва тадбирҳои ифротӣ дар сиёсат аст.

Ҳамин тавр, мафҳуми «экстремизм», инчунин, сафедкунии оммавии терроризм, поймол кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, новобаста ба мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забонӣ ва муносибати онҳо ба динро дар бар мегирад. Дар ин ҷо нишонаҳои ошуфтагии истилоҳӣ, ки дар натиҷаи омезиши истилоҳоту мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» ба вуҷуд меояд, таъкид кардан лозим аст. Аз як тараф, фаъолияти террористӣ, воқеан, муҳимтарин нақши ифротгароён дар расидан ба ҳадафҳои худ мебошад. Вобаста ба ин, бештар мафҳумҳои «экстремизм» ва «терроризм» барои тавсифи амалҳое истифода мешаванд, ки самти харобиовари зиддидавлатӣ, зиддиҷамъиятӣ ва зиддиинсонӣ доранд. Истилоҳи "терроризм" аз калимаи лотинии "terror" гирифта шуда, маънояш "тарс, даҳшат" аст. Он «амалҳои зӯроварона (таъқиб, харобкорӣ, гаравгонгирӣ, куштор ва ғ.) бо мақсади тарсондан, саркӯб кардани рақибони сиёсӣ, таҳмил кардани як хатти рафторро ифода мекунад.

Дар Тоҷикистон низоми мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ дар асоси Конститутсияи кишвар, Кодекси ҷиноии ҷумҳурӣ, Қонун "Дар бораи мубориза бо терроризм", Қонун "Дар бораи мубориза бо ифротгароӣ", Қонун "Дар бораи милитсия" амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин, дар робита ба ин масъала, Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент ва Ҳукумат, инчунин, "Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ» қабул шудааст.

Хурсандибахш аст, ки мақомоти Тоҷикистон пайваста бар зидди ҳама гуна зуҳуроти радикализми исломӣ мубориза мебарад. Вале кишварҳои дунё дар танҳоӣ наметавонанд бо ин вабои аср мубориза баранд ва баргузории Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд тахти унвони «Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез» дар шаҳри Душанбе фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро фароҳам овард ва аз тамоми кишварҳо тақозо карда шуд, ки дар ҷодаи мубориза ва решакан намудани амали терроризму экстремизм ва ифротгароӣ ва таъмини суботу амнияти сартосарӣ тавассути андешидани иқдомҳои муштарак ҳамкориҳоро тақвият бахшанд. Албатта, мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб на бо роҳи низомӣ, балки танҳо тариқи муколамаи сиёсӣ муборизаҳои дастҷамъона имконпазир аст. Инро таҷрибаи Тоҷикистон собит намудааст.

Ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯст дар ҳифзи асолати поки гузашта, нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошад. Моро лозим аст, ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бирасем ва ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро тарбия намоем, ки дар оянда ин гавҳари ноёбро ҳифзу эҳтиром намоянд.

**А. Кабиров**
*н.и.ф-м., дотсенти кафедраи математикаи олии ДДМИТ*

# БИПУРӢ



Навъе аз таом – санбӯсаи равғанпухт, ки маъмулан ба муносибате ба нудрат дар маросимҳои хонаводагӣ мепазанд. Нахуст аз орди навъи якум ё олӣ (беҳтар аввалист) тухм ва оби намакдор хамир мехеланд. Сипас аз хамир заволаҳои нисбатан хурд гирифта, бо тирак (чӯби суфтаи қутраш 3–3,5 сантиметрӣ ва дарозиаш 80–90 см ва баъзан, каме кулуфттари 40 сантиметрӣ) мисли зуволаҳои манту онҳоро тунук карда чоркунҷа мебуранд. Ба рӯйи хамири чоркунҷашакли аввал қадре қима (гӯшти майдакардашуда, пиёзи реза ва бӯйафзор – зира, мурч, зардчӯба, дорчинӣ ва амсоли инҳо) гузошта бо порчаи дигари бад-ин шакл буридашудаи хамир онро мепӯшонанд ва бо ангуштон чор тарафи онро пахш карда, ба ҳам мечаспонанд. Сипас, дар равғани тафсони рустанӣ онро бирён мекунанд. Пухтани бипуриро мувофиқи ранги сурхчатоб бирён шуданаш муайян мекунанд.

**«Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик», ҷ4.**



МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ
«ФИРӮЗА»
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932

Муассис:
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**
Мавҷуда Саидзода

**МУШОВИРОН:**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**
*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Сафарзода Анвар**
*Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

**Сатториён Матлубахон Амонзода**
*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Давлат Сафар**
муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зулфия Атоӣ**
Шоири халқии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Муҳиддин Олимов
*муовини сармуҳаррир*

Дилороми Раҷаб
*котиби масъул*

*Муҳаррирон:*
Сарвар Урозова
Зулфияи Шариф
Одил Соҳибзода
Шоиста Исматзода
Нилуфар Раҳмонова

Фурӯзонфар Неъматов
*дизайнер*

**НИШОНИИ ИДОРА:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 34
тел./факс: 221-55-64 / 227-65-88
E-mail: firuza_tojikiston@mail.ru
www.firuza-tojikiston.tj

Андозаи 60х84 $^{1}/_{8}$.
ҷузъи чопӣ 4.
Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф»
ба табъ расидааст.

Масъулияти саҳеҳии
арқом, санаду иқтибос
ба зиммаи муаллифон аст.
Дар ин шумора баъзе хабару
гузоришҳо ва аксҳо аз расонаҳои
Интернет истифода шудаанд.

Нашри маводди маҷаллаи
«Фирӯза» бе иҷозат мамнуъ аст!



# БА МАҶАЛЛАИ «ФИРӮЗА» БАРОИ СОЛИ 2026 ОБУНА ШАВЕД!

*Хонандагони азиз!*

*Маҷаллаи «Фирӯза» инъикосгари ҳаёт, фаъолият ва баёнгари зиндагии ибратомӯзи шумост! Розу ниёзшунав ва маслиҳатгару ҳамдили шумост!*

*«Фирӯза» ҳамсуҳбатест, ки ба шумо шеъру достон мехонад, қиссаву ҳикоя мекунад, чун оина чеҳраҳоятонро ба тозагиву зебоӣ пурҷило менамояд, ҳунару эҷод ва мавқеи шуморо дар ҷамъият чун намунаи ибрат тарғиб мекунад.*

*«Фирӯза» беш аз 94 сол аст, ки по ба пойи шумо қадам мебардорад, бо шукргузорӣ аз озодиву Истиқлоли давлатӣ васфи дастовардҳои Ватанро мекунад.*

*Барои дар сатҳи баланд нашр шудани маҷалла саҳми ҳар яки шумо ҳалкунанда мебошад. Моро дастгирӣ намоед ва ба маҷаллаи занони Тоҷикистон – «Фирӯза» обуна шавед!*

*Обуна дар тамоми шуъбаҳои Департаменти «Почтаи Тоҷикистон» қабул карда мешавад.*

*Индекси обуна 77543*

*Арзиши обунаи солона 180 сомонӣ, тариқи почта 205 сомонӣ.*

*Агар маблағро бевосита ба суратҳисоби маҷаллаи «Фирӯза» интиқол кардан хоҳед, суратҳисоби мо чунин аст:*

*Р/С 20202972700621101000*
*МФО 350101626*
*К/С 20402972316264*
*РЯМ 030002727*
*Инд. 734025*
*Департаменти Хазинадории*
*БДА ҶТ «Амонатбонк»*
*С/М МД маҷаллаи «Фирӯза»*